Дафтари ниҳодҳои демократӣ ва ҳуқуқи башар

# ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ИНТИХОБОТИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## 11 октябри соли 2020

### Гузориши ниҳоии миссияи ДНДҲБ оид ба арзёбии интихобот

Варшава
29 январи соли 2021

## МУНДАРИҶА


I. МАЪЛУМОТИ МУХТАСАР ... 1

II. МУҚАДДИМА ВА ИЗҲОРИ СИПОС ... 3

III. МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ КИШВАР ВА ВАЗЪИЯТИ СИЁСӢ ... 4

IV. НИЗОМИ ИНТИХОБОТ ВА ЗАМИНАИ ҲУҚУҚӢ ... 5

V. ИДОРАКУНИИ РАВАНДИ ИНТИХОБОТ ... 6

VI. БАҚАЙДГИРИИ ИНТИХОБКУНАНДАГОН ... 7

VII. БАҚАЙДГИРИИ НОМЗАД ... 9

VIII. МУҲИТИ МАЪРАКАИ ПЕШАЗИНТИХОБОТӢ ... 10

IX. МАБЛАҒГУЗОРИИ МАЪРАКАИ ПЕШАЗИНТИХОБОТӢ ... 11

X. ВОСИТАҲОИ АХБОРИ ОММА ... 12

A. МУҲИТИ ФАЪОЛИЯТ ВА ЗАМИНАИ ҚОНУНГУЗОРӢ ОИД БА ВАО ... 12

B. ФАРОГИРИИ МАЪРАКАИ ПЕШАЗИНТИХОБОТ ... 14

XI. АРЗУ ШИКОЯТҲО ... 15

XII. МУШОҲИДАИ ИНТИХОБОТ АЗ ҶОНИБИ МУШОҲИДАГАРОНИ МАҲАЛЛӢ ВА БАЙНАЛМИЛАЛӢ ... 16

XIII. РӮЗИ ИНТИХОБОТ ... 16

XIV. ТАВСИЯҲО ... 17

ЗАМИМА: НАТИҶАИ НИҲОИИ ИНТИХОБОТ ... 20

МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ ДНДҲБ ... 21

**ИНТИХОБОТИ ПРЕЗИДЕНТИ**

**ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**11 октябри соли 2020**

**Гузориши ниҳоии миссияи арзёбии интихоботи ДНДҲБ[1]**

## I. МАЪЛУМОТИ МУХТАСАР

Бо даъвати расмии Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мутобиқи ваколатҳои худ Дафтари ниҳодҳои демократӣ ва ҳуқуқи башар (ДНДҲБ)-и САҲА миссияи арзёбии интихоботи худро ба баҳодиҳии интихоботи Президенти ҶТ (МАИ), ки санаи 11 октябри соли 2020 баргузор гардид, сафарбар намуд. Миссия мувофиқати раванди интихоботро ба уҳдауҳдадориҳои кишвар дар назди САҲА ва дигар уҳдауҳдадориву стандартҳои байналмилалӣ ва қонунгузории миллӣ баҳо дод.

Интихоботи Президенти ҶТ дар муҳити зери назорати қатъии сохторҳои давлатӣ баргузор гардида, дар он аломати маҳдудиятҳои тӯлонии ҳуқуқу озодиҳои асосӣ, аз ҷумла озодии иттиҳодия, ҷамъомад, баён, ВАО, инчунин таъқиб ва тарс додани мухолифон дида мешуд. Қонун Президенти амалкунандаро дар муқоиса бо номзадҳои дигар ба таври ғайриоддӣ дар мавқеи бартаридор қарор медиҳад. Ба интихобкунандагон дигар номзади алтернативии воқеии сиёсӣ пешниҳод нашуд, танҳо байни номзадҳои расмӣ баҳсҳои сохтакорона баргузор карда шуда, ташвиқоти пешазинтихоботӣ аз ҷониби воситаҳои ахбори оммаи мустақил фаро гирифта нашуд. Раванди интихобот, аз ҷумла дар рӯзи интихобот боваринок ва шаффоф набуд. Ҷиҳати таъмини мутобиқати раванди интихобот ба уҳдадориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар назди САҲА ва дигар уҳдадориҳои байналмилалии кишвар, инчунин стандартҳои интихоботи демократӣ ислоҳоти ҳамаҷониба лозим аст.

Президент дар муайянсозии сиёсати дохиливу хориҷии кишвар ваколати назарраси иҷроия дошта, тамоми мақомоти давлатиро дар ҳамаи сатҳҳо ва низоми судиро назорат мекунад. Ба Президенти амалкунанда ҳам дар Конститутсия ва ҳам қонунгузорӣ мақоми махсус ва бартариҳои ҳуқуқии беҳамто дода шуда, аз ҷумла шахсан ӯ аз маҳдудиятҳои муҳлати муқаррарии президентӣ озод карда шудааст. Президент тавассути овоздиҳии мустақими умумихалқӣ барои муҳлати 7 сол дар ҳолати ба даст овардани аксарияти шумораи умумии овозҳои додашуда интихоб карда мешавад.

Дар заминаи ҳуқуқӣ вобаста ба ҳуқуқ ба интихобот ва озодиҳои асосӣ, аз ҷумла ҳуқуқ ба овоздиҳӣ ва ҳуқуқ ба гузоштани номзадии худ, озодии ҷамъомад ва ассотсиатсияҳо, инчунин озодии баён чанд маҳдудияти беасос вуҷуд дорад. Дар Қонун дар бораи интихобот камбудиҳои назаррас вуҷуд дошта, чанд ҷабҳаи раванди интихобот, аз ҷумла маъракаи пешазинтихоботӣ ва маблағгузории чунин маърака ба таври зарурӣ танзим нашудаанд. Дар доираи тағйироту иловаҳои чанде пеш воридкардашуда тавсияҳои қаблии ДНДҲБ вобаста ба таъмини интихоботи одилона ва боэътимод иҷро нашудаанд.

Интихобот аз ҷониби Кумитаи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон (КМИР), 68 комиссияи ҳавзавии интихоб (КҲИ-ҳо) ва 3,375 комиссияи участкавии интихобот (КУИ-ҳо) ташкил карда шуд. Комиссияи марказии интихобот тақвими чорабиниҳо ва дастурамал барои комиссияҳои поёнии интихоботиро нашр карда, бо мақсади сафарбар кардани интихобкунандагон маълумотнома барои овоздиҳандагонро омода намуд. Бо вуҷуди ин,

[1] Варианти англисии гузориши мазкур ягона ҳуҷҷати расмӣ мебошад. Тарҷумаи ғайрирасмии ҳуҷҷати мазкур ба забонҳои тоҷикӣ ва русӣ дастрас аст.

идоракунии раванди интихобот пурра шаффоф набуд. Бетарафӣ ва мустақилияти идоракунии раванди интихобот инчунин ба мисли пештара нигаронии ҷамъиятро ба миён меорад.

Рӯйхати интихобкунандагон аз ҷониби КУИ-ҳо барои ҳар як интихобот аз нав ташкил карда мешавад. Феҳристи марказии овоздиҳандагон, инчунин воситаҳои амалӣ ё ҳуқуқии пешгирикунандаи бақайдгирии якчандкаратаи овоздиҳандагон пеш аз ё дар рӯзи интихобот вуҷуд надорад. Мутобиқи қонун маҳбусон ва шахсони маъюб ҳамоно аз ҳуқуқи овоздиҳӣ маҳрум ҳастанд, ки ин бар хилофи стандартҳои байналмилалӣ мебошад. Дар доираи интихоботи мазкур дар умум 4,900,545 овоздиҳанда ба қайд гирифта шуданд.

Аз ҷониби КМИР панҷ номзад ба қайд гирифта шуд. Номзадҳо аз ҷониби ҳизбҳои сиёсӣ пешниҳод шуда, ба номзадҳои худпешбар иҷозат дода намешавад. Номзадҳо ҷиҳати бақайдгирӣ барои тарафдории худ шумораи беасос зиёди имзоҳоро бояд ҷамъ намоянд. Қонун ҳоло ҳам ба ҳуқуқҳои номзадӣ ба монанди муҳлати истиқомат дар кишвар, таҳсилот, маъюбият ва доғи судӣ маҳдудиятҳо мегузорад, ки бештар табъизкунанда буда, бар хилофи уҳдадориҳо дар доираи САҲА ва уҳдадориҳои байналмилалӣ оид ба интихоботи демократӣ мебошад.

Маъракаи пешазинтихоботӣ дар муҳити таҳти назорати қатъии мақомоти давлатӣ, миқдори хеле ками баҳсҳои ҷиддӣ дар байни номзадҳо ё ҳизбҳои сиёсӣ баргузор гардида, ба Президенти амалкунанда ҳам дар воситаҳои ахбори омма ва ҳам истифодабарии захираҳои маъмурӣ бартарии бисёр дода шуд. Ҳамин тавр, дар маърака рақобат дида намешуд ва овоздиҳандагон барои интихоби воқеӣ огоҳона имкон надоштанд.

Занон ба таври умумӣ дар ҳаёти сиёсӣ ва махсусан дар вазифаҳои қарорқабулкунанда дар сатҳи зарурӣ муаррифӣ нашудаанд. Дар байни номзадҳо як нафар зан ҳам набуд. Баъзе ҳизбҳо дар барномаи худ масоили вобаста ба занонро фаро гирифта, аз ҷумла кӯмакпулӣ барои занони серфарзанд ва хотима бахшидани фарқият дар байни даромади миёнаи занону мардонро пешниҳод карданд.

Қонун муқаррароти ҳадди ақалро оид ба маблағгузории маъракаи пешазинтихоботӣ дар бар мегирад. Дар он ҳеҷ гуна талабот оид ба гузоришдиҳӣ ва нашри маълумот ё механизми назорати таъмини шаффофияти маблағгузории маърака муайян карда нашудааст.

Дар ВАО муҳокимаҳои сиёсӣ бениҳоят кам доир гардида, ВАО итоаткори сохторҳои ҳукуматӣ ҳисобида мешавад. Мушоҳидаҳо нишон доданд, ки сарчашмаҳои интернетии танқидӣ зуд-зуд бе ягон асос масдуд карда шуда, худсензура дар ВАО як падидаи маъмул аст. Журналистон оид ба чораҳои тарсонидан аз ҷониби мақомоти ҳукуматӣ, аз ҷумла татбиқи худсаронаи қоидаҳои аккредитатсия зикр менамоянд. Таҳқир ва туҳмат нисбат ба Президент ё дигар мансабдорони давлатӣ дар ВАО ё шабакаҳои иҷтимоӣ ҳуқуқвайронкунии ҷиноӣ мебошад.

Қонун барои баррасии шикоятҳои вобаста ба интихобот низоми ҳуқуқии дугонаро муқаррар мекунад. Набудани равшанӣ дар низоми ҳуқуқӣ метавонад ба татбиқи ҳуқуқ ва воситаи самараноки ҳифзи ҳуқуқ таъсир расонида, ба ҳолати муайяни ҳуқуқӣ мусоидат намекунад. Муҳлати таъйиншуда барои эълони натиҷаҳои интихобот амалан имконияти ҳаллу фасли қонунии масъалаҳои вобаста ба натиҷаҳои интихоботро аз байн мебарад. Аз сабаби он, ки мувофиқи гузоришҳо аз ҷониби ягон сохтор ҳеч гуна шикоят ба қайд гирифта нашудааст, санҷидани механизми нав ҷорикардашудаи баррасии шикоятҳо имконнопазир буд.

Ҳеҷ гуна муқаррарот оид ба мушоҳидаи раванди интихобот аз ҷониби мушоҳидагарони мустақили бетараф вуҷуд надорад. Ҷомеаи шаҳрвандӣ ба таври васеъ аз муҳокимаи масоили вобаста ба интихобот худдорӣ мекунад. Мушоҳидагарони байналмилалӣ ва намояндагони ҳизбҳо метавонанд раванди интихоботро мушоҳида намоянд, аммо фаъолияти онҳо аз рӯи вақт ва дар амал маҳдуд карда шуда, ба мушоҳидаи самараноки тамоми раванд имконият намедиҳад.

Мутобиқи методологияи ДНДҲБ, миссияи ДНДҲБ оид ба мушоҳидаи интихобот раванди интихоботро дар рӯзи интихобот дар саросари кишвар ҳамаҷониба мушоҳида накард, балки ба шумораи маҳдуди участкаҳои интихоботӣ ташриф овард, ки онҳо хуб муҷаҳҳаз буданд. Муайян гардид, ки маълумоти аз ҷониби участкаҳои интихоботии ташрифоварда оид ба ҳозиршавии овоздиҳандагон пешниҳодшуда ба маротиб зиёд нишон дода шуда, дар рӯзи интихобот қонунвайронкуниҳои ҷиддӣ ба монанди овоздиҳӣ ба ҷои дигарон ва ғайра ба назар расид. Ба миссияи ДНДҲБ оид ба мушоҳидаи интихобот барои мушоҳидаи ҳамаҷонибаи ҷараёни ҳисоби овоз ва ҷамъбасти он иҷозат дода нашуд.

Дар гузориши мазкур тавсияҳо оид ба дастгирии чорабиниҳо ҷиҳати мувофиқ намудани интихобот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба уҳдадориҳои кишвар дар доираи САҲА ва дигар уҳдадориву стандартҳои байналмилалии интихоботи демократӣ оварда шудааст. Бо дарназардошти зарурат ба ислоҳоти муҳим дар гузориши мазкур танҳо тавсияҳои афзалиятдор оид ба ислоҳоти ҷиддии ҳуқуқӣ, муносибати баробар ва одилона ба ҳамаи номзадҳо дар қонун ва дар таҷриба, идоракунии беғаразона ва мустақилонаи раванди интихобот, бақайдгирии дақиқи овоздиҳандагон, имконияти воқеӣ барои маъракаи пешазинтихоботӣ, шаффофияти маблағгузории маъракаи пешазинтихоботӣ, озодии ВАО, кафолати ҳифзи ҳуқуқии самаранок, имконияти мушоҳидаи бемонеа аз ҷониби мушоҳидагарони маҳаллӣ ва байналмилалӣ, ҷараёни одилона дар рӯзи интихобот ва инчунин шаффофияти умумии раванди интихобот оварда шудааст. ДНДҲБ омода аст ба мақомоти кишвар ҷиҳати иҷрои тавсияҳои дар гузориши мазкур ва гузоришҳои қаблии ДНДҲБ зикргардида кӯмак расонад.

## II. МУҚАДДИМА ВА ИЗҲОРИ СИПОС

Бо даъвати расмии Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон (ВКХ) аз санаи 10 сентябри соли 2020, дар асоси тавсияҳои Миссияи баҳодиҳии ниёзҳо, ки санаҳои 9-12 декабри соли 2019 баргузор гардида буд, ва мутобиқи ваколатҳои худ Дафтари ниҳодҳои демократӣ ва ҳуқуқи башари (ДНДҲБ) САҲА санаи 26 сентябр Миссияи арзёбии интихоботро (МАИ) ташкил намуд.[2] МАИ ДНДҲБ-ро Ивилина Алексиева-Робинсон роҳбарӣ менамуд. Миссияи мазкур аз ҳафт нафар коршинос аз шаш давлати узви САҲА иборат буд. МАИ ДНДҲБ дар шаҳри Душанбе ҷойгир шуда, ба шаҳру ноҳияҳои Файзобод, Ҳисор, Норак, Рӯдаки ва Ваҳдат ташриф овард.

Раванди интихобот аз нуқтаи назари мувофиқат ба уҳдадориҳо дар доираи САҲА ва дигар уҳдадориву стандартҳои байналмилалии интихоботи демократӣ, инчунин қонунгузории миллӣ баҳо дода шуд. Ба сабаби муҳлати кӯтоҳи аккредитатсия МАИ ДНДҲБ рушди ҷараёнро пас аз интихобот баҳо дода натавонист, баҳодиҳии пурраи ҷабҳаҳои калидии раванди интихобот мутобиқи тартиботи муқарраргардида имконнопазир гардид. Мушкилоти дигар аз дер фиристодани даъватнома ба Миссия, батаъхиргузориҳои назаррас ҳангоми ташкили вохӯриҳо бо мақомоти давлатӣ ва ҳукуматии зарурӣ иборат буданд.[3] Ҳарчанд билохира ин вохӯриҳо баргузор гардиданд, дар аксари ҳолатҳо дар доираи ин вохӯриҳо аз ҳамсуҳбатон ҷавоби пурмуҳтаво гирифта нашуд.

МАИ ДНДҲБ ба ВКХ ва Кумитаи марказии интихобот ва раъйпурсӣ (КМИР) барои ҳамкорӣ миннатдории худро иҳзор мекунад. МАИ ДНДҲБ инчунин ба намояндагони созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, ВАО, ҳизбҳои сиёсӣ, ниҳодҳои давлатӣ ва ҷомеаи байналмилалӣ барои ҳамкорӣ ва мубодилаи назарҳояшон изҳори сипос мекунад.

---

[2] Лутфан бо тамоми гузоришҳои қаблии ДНДҲБ оид ба интихобот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон шинос шавед.

[3] Дар ибтидо мувофиқи нақша МАИ ДНДҲБ бояд то 17 октябр фаъолият мекард, аммо он бо дархости ВКХ, аз ҷумла ба сабаби кӯтоҳкунии давраи барои раводид ба аъзои МАИ ДНДҲБ иҷозатдодашуда то 13 октябр ихтисор карда шуд. Новобаста аз даъвати расмӣ ба баъзе аъзои МАИ ДНДҲБ раводиди зарурӣ бо таъхирҳои назаррас дер дода шуд ва аз ин сабаб имконияти иштирок дар чанд вохӯрии расмӣ рад карда шуд.

## III. МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ КИШВАР ВА ВАЗЪИЯТИ СИЁСӢ

Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати дунявӣ ва унитарӣ мебошад. Дар Конститутсия шакли давлатдории президентӣ дар кишвар муқаррар гардидааст. Дар интихоботи қаблии Президенти ҶТ соли 2013 Президенти кишвар ҷаноби Эмомалӣ Раҳмон аз Ҳизби халқӣ- демократии Тоҷикистон (ҲХДТ) бо ба даст овардани 84 фоизи овозҳо ғолиб омада буд. Дар интихоботи парлумонии соли 2020 ҲХДТ аз 63 ҷой дар Маҷлиси Намояндагони Парламент 47 ҷой ба даст овард, ки бартарии онро дар саҳнаи сиёсӣ нишон медиҳад.[4]

Президент дар муайян намудани самтҳои сиёсати дохиливу хориҷӣ дорои ваколати бузурги иҷроӣ буда, сарвазир ва дигар аъзои воломақоми ҳокимияти иҷроия ва судиро таъйин мекунад.[5]

Занон ба таври умумӣ дар парламент ва дар ҳаёти сиёсӣ ва махсусан дар вазифаҳои роҳбарикунанда дар сатҳи нокифоя муаррифӣ шудаанд.[6] Онҳо 22 фоизи аъзои Маҷлиси Намояндагони Маҷлиси Олиро ташкил медиҳанд.

Дар санаи 6 август дар ҷаласаи якҷояи ду палата таҳти раисии Раиси Маҷлиси Миллӣ ҷаноби Рустами Эмомалӣ - писари президенти амалкунанда 11 октябр санаи баргузории интихоботи Президенти ҶТ муайян карда шуд.

Интихобот дар муҳите баргузор гардид, ки бо маҳдудкунии тӯлонии ҳуқуқ ва озодиҳои асосӣ тавсиф дода мешавад. Ба ин маҳдудиятҳо мушкилоти вобаста ба озодии иттиҳодия ва баён, манъ кардани фаъолияти баъзе ҳизбу ҳаракатҳои сиёсӣ, манъи худсаронаи сафари аъзои оилаи фаъолони мухолифине, ки дар хориҷ паноҳгоҳ ҷустаанд, тарсонидани адвокатҳое, ки парвандаҳои сиёсиро пеш мебаранд, аз ҷумла таъқиби чунин ҳуқуқшиносон ва тарсонидани аъзои оилаи онҳо дохил мешавад.[7] Аз замони интихоботи Президенти ҶТ соли 2013 фаъолияти яке аз ҳизбҳое, ки номзади худро дар он интихобот пешниҳод карда буд, яъне Ҳизби наҳзати исломии Тоҷикистон (ҲНИТ), аз ҷониби Суди олии ҶТ ҳамчун гурӯҳи террористӣ эълон гардида, манъ карда шудааст.[8] Якчанд узви пешбари он ё аз озодӣ маҳрум карда шудаанд ё ба хориҷи кишвар гуреза шуда рафтаанд.

Ба интихобот пандемияи бемории COVID-19 таъсир расонид. Ба МАИ ДНДҲБ маълумот дода шуд, ки Ситоди ҷумҳуриявии назди сарвазири кишвар оид ба пешгирӣ аз паҳншавии бемории

[4] Дар Парламент ҳизбҳои дигар ба монанди Ҳизби аграрии Тоҷикистон (ҲАТ) дорои ҳафт ҷой, Ҳизби ислоҳоти иқтисодии Тоҷикистон (ҲИИТ) дорои панҷ ҷой, Ҳизби коммунистии Тоҷикистон (ҲКТ) дорои ду ҷой, инчунин Ҳизби сотсиалистии Тоҷикистон (ҲСТ) ва Ҳизби демократи Тоҷикистон (ҲДТ) дорои як ҷой мебошанд. Ҳизби ҳафтуми бақайдгирифташуда Ҳизби сотсиал-демократи Тоҷикистон (ҲСДТ) мебошад.

[5] Президент мансабдорони воломақомро дар сатҳи ҷумҳуриявӣ ва минтақавӣ таъйин намуда, раисон ва номзадии муовинони раиси Суди конститутсионӣ, Суди олӣ, Суди олии иқтисодӣ ва Прокурори генералиро ба Парламент барои тасдиқ пешниҳод мекунад.

[6] Лутфан ба Хулосаҳои ҷамъбастии Кумитаи СММ оид ба барҳам додани тамоми шаклҳои табъиз нисбат ба занон дар бораи Гузориши шашуми даврии Ҷумҳурии Тоҷикистон (14 ноябри 2018), CEDAW/C/TJK/CO/6, бандҳои 31-32 нигаред.

[7] Лутфан ба Хулосаҳои ҷамъбастии Шӯрои ҳуқуқи башари СММ оид ба Гузориши сеюми даврии Ҷумҳурии Тоҷикистон (CCPR/C/TJK/CO/3, 22 августи 2019) нигаред.

[8] Кумитаи ҳуқуқи башари СММ дар Хулосаҳои ҷамъбастии худ оид ба Гузориши сеюми даврии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба "таърифи васеъ ва норавшани терроризм (Қонун дар бораи муқовимат ба терроризм аз соли 1999), экстремизм (Қонун дар бораи муқовимат ба экстремизм аз соли 2003) ва асосноккунии давлатии фаъолияти террористӣ ва экстремистӣ (тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҷиноии кишвар, ки санаи 14 ноябри соли 2016 қабул гардидааст), ки метавонад дар таҷриба ба чораҳои худсарона ва сӯиистифода оварда расонад, инчунин оид ба "хабарҳо дар бораи сӯиистифодаи чунин қонунгузорӣ ҷиҳати маҳдудкунӣ ва фишороварӣ ба озодии баён аз ҷониби мухолифини сиёсӣ ва гурӯҳҳои динӣ" изҳори нигаронӣ кардааст. Ба ҳаракатҳои дигари мухолифи фаъолияташон мамнӯъ Гурӯҳи 24 (қарори Суди олӣ аз соли 2014), ва Алянси миллии Тоҷикистон (қарори Суди олӣ аз соли 2019) дохил мешавад.

коронавирус - Ковид-19 қоидаҳои таъмини бехатарии ҷамъиятӣ, аз ҷумла оид ба фосилаи иҷтимоӣ, пӯшидани ниқоби тиббӣ ва ғайраро ҷорӣ намудааст. Қоидаҳои мазкур дар чорабиниҳои маъракаи пешазинтихоботӣ татбиқ гардида, КМИР барои комиссияҳои интихоботӣ дастурҳои роҳнамо нашр кардааст.

## IV. НИЗОМИ ИНТИХОБОТ ВА ЗАМИНАИ ҲУҚУҚӢ

Президент тавассути овоздиҳии мустақим дар асоси ба даст овардани овози аксарият барои муҳлати ҳафт сол интихоб мешавад. Агар ягон номзад зиёда аз 50 фоизи овозҳоро ба даст оварда натавонад, байни ду номзади дорои шумораи баландтарини овозҳо давраи дуюми интихобот гузаронида мешавад. Мутобиқи талаботи Конститутсия интихобот дар он ҳолат дорои эътибор шумурда мешавад, ки дар он аз нисф зиёди интихобкунандагони бақайдгирифташуда ширкат варзанд.

Ба Президенти амалкунанда ҳам дар Конститутсия ва ҳам дар қонунгузории кишвар ба ҳайси “Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат” мақоми махсус ва бартариҳои ҳуқуқии беҳамто дода шудааст. Мутобиқи муқаррароти Конститутсия як шахс ба вазифаи Президент бештар аз ду муҳлат пай дар пай интихоб шуда наметавонад. Тағйироту иловаҳои соли 2016 ба Конститутсия воридкардашуда Президенти амалкунандаро аз чунин маҳдудиятҳо озод кардааст. Мақоми баландбардошташуда, ки ба президенти амалкунанда аз ҷониби қонун дода шудааст, ба таъмини имконияти баробар барои ҳамаи иштироккунандагоништироккунандагон монеа эҷод карда, бар хилофи ӯҳдадориҳои кишвар дар доираи САҲА ва дигар стандартҳои байналмилалӣ мебошад.[9]

*Бо мақсади таъмини имкониятҳои баробар барои тамоми иштироккунандагон ва баробарии шаҳрвандон дар назди қонун муқаррароте, ки ба Президенти амалкунанда мақоми хос ва бартариҳои вобаста ба интихобот, аз ҷумла ҳуқуқи ба давраҳои бемаҳдуди президентӣ интихоб шуданро медиҳад, бояд мавриди бознигарӣ қарор дода шавад.*

Тоҷикистон бисёре аз ҳуҷҷатҳои асосии байналмилалӣ ва минтақавии марбут ба ҳуқуқҳои шаҳрвандиву сиёсӣ ва баргузории интихоботҳои демократиро тасвиб кардааст.[10] Интихоботи Президенти ҶТ пеш аз ҳама дар асоси Конститутсияи соли 1994, ки охирон маротиба соли 2016 ба он тағйироту иловаҳо ворид карда шудааст, Қонуни конститутсонии ҶТ “Дар бораи интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз соли 1994 (минбаъд қонун дар бораи интихобот), ки ба он охирон маротиба соли 2019 тағйироту иловаҳо ворид карда шудааст, Қонуни ҶТ “Дар бораи Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз соли 2019, Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳизбҳои сиёсии ҶТ» аз соли 1998, ки соли 2019 ба он тағйироту иловаҳо ворид карда шудааст ва Қонуни ҶТ «Дар бораи маҷлисҳо, гирдиҳамоиҳо,

---

9 Мутобиқи банди 7.6 Ҳуҷҷати копенгагении САҲА аз соли 1990 кишварҳои узв вазифадоранд “барои додани имконият ба [шахсони дар интихобот рақобаткунанда] ҷиҳати рақобат байни ҳамдигар дар асоси принсипи баробарӣ дар назди қонун ва муносибати баробар аз ҷониби мақомоти давлатӣ” кафолатҳои зарурии ҳуқуқиро таъмин намоянд”. Дар моддаҳои 2 ва 25 Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандиву сиёсӣ (ПБҲШС) принсипи муносибат бидуни табъиз, аз ҷумла иштирок дар корҳои ҷамъиятӣ муайян карда шудааст. Инчунин лутфан ба Моддаи 2(b) Конвенсияи стандартҳои интихоботи демократӣ, ҳуқуқ ва озодиҳои вобаста ба интихобот дар кишварҳои узви Иттиҳоди давлатҳои муштаракулманофеъ (Конвенсияи ИДМ) нигаред.

10 Ба ин ҳуҷҷатҳо Эъломияи ҷаҳонии ҳуқуқи башар аз соли 1948, Конвенсияи барҳам додани ҳама шаклҳои табъизи нажодӣ аз соли 1965, ПБҲШС аз соли 1966, Конвенсия оид ба барҳам додани тамоми шаклҳои табъиз нисбат ба занон (КБТНЗ) аз соли 1979, Конвенсияи СММ оид ба мубориза алайҳи коррупсия (КСМММК) аз соли 2003 ва Конвенсияи ИДМ аз соли 2020 дохил мешаванд. Тоҷикистон Конвенсияи СММ оид ба ҳуқуқҳои шахсони маъюб (КСММҲШМ)-ро имзо намудааст, лекин ҳоло тасвиб накардааст.

намоишҳо ва роҳпаймоиҳо» аз соли 2014 (минбаъд қонун дар бораи иттиҳодияҳо) танзим карда мешавад. Заминаи ҳуқуқӣ бо муқаррароти содиркардаи КМИР пурра карда мешавад.

Дар заминаи ҳуқуқӣ якчанд маҳдудиятҳои беасоси марбут ба ҳуқуқ ба интихобот ва озодиҳои асосӣ, аз ҷумла ҳуқуқ ба интихоб кардан ва ҳуқуқи интихоб шудан, ҳуқуқ ба иттиҳодия, ҷамъомад ва баён вуҷуд дорад.[11] Пас аз ворид намудани тағйироту иловаҳо ба Конститутсия соли 2016 ба қонунгузорӣ оид ба интихобот тағйироту иловаҳо ворид карда шуд. Мутаассифона, дар доираи ҳеҷ кадоме аз ин тағйиротҳо тавсияҳои муддати тӯлонӣ пешниҳодшуда ва ҷории ДНДҲБ иҷро нашудаанд. Баръакс, тавассути баъзе тағйироту иловаҳо ба қонунгузории соҳаи интихобот дар ҳуқуқҳои асосӣ ба монанди ҳуқуқи дар интихобот номзадии худро гузоштан ва иштирок дар корҳои давлатӣ тавассути таъсиси ҳизбҳои сиёсӣ маҳдудиятҳои иловагӣ ҷорӣ карда шуд.[12]

Дар қонун дар бораи интихобот камбудиҳои назаррас мавҷуд буда, якчанд ҷанбаи раванди интихобот, аз ҷумла маъракаи пешазинтихоботӣ ва маблағгузории он асосан танзим нашудааст. Илова бар ин, дар он норавшаниҳо, аз ҷумла вобаста ба интихоб ва озод намудани аъзои комиссияҳои интихоботӣ, тартиботи рӯзи интихобот ва арзу шикоятҳо вуҷуд дорад.

*Бо мақсади аз байн бурдани маҳдудиятҳои беасос ва табъизкунандаи ҳуқуқу озодиҳои асосӣ ва дигар камбудиҳои назаррасе, ки дар гузориши мазкур ва гузоришҳои қаблии ДНДҲБ оварда шудаанд, бояд ислоҳоти ҳамаҷонибаи заминаи ҳуқуқии интихобот гузаронида шавад.*

КМИР оид ба интихобот чанд дастурамал содир кард, аммо танҳо чанде аз онҳоро дар сомонаи худ ҷой дода, баъзеи онҳоро пеш аз рӯзи интихобот аз сомона гирифт. Ба сабаби набудани шаффофият баҳодиҳии умумии то чи андоза ҳамаҷониба будани муқаррароти КМИР имконнопазир буд. Дар чанд санад ба монанди ҳуҷҷатҳо оид ба маъракаи пешазинтихоботӣ ва баррасии арзу шикоятҳо, ки МАИ ДНДҲБ бо онҳо шинос гардид, ба ҷабҳаҳои норавшани қонун равшанӣ андохта натавонист, ки дар ин маводҳо асосан муқаррароти ҳуқуқӣ такрор мешуданд.

## V. ИДОРАКУНИИ РАВАНДИ ИНТИХОБОТ

Интихобот дар се сатҳи идоракунии иборат аз КМИР, 68 комиссияи ҳавзавии интихоботӣ (КҲИ) ва 3,375 комиссияи участкавии интихобот (КУИ) ташкил карда шуд.[13] Илова бар ин, бо мақсади мусоидат ба овоздиҳӣ дар хориҷа дар 29 кишвари хориҷӣ 39 КУИ таъсис дода шуд.

КМИР сохтори доимоамалкунанда буда, аз ҳафт нафар узв иборат мебошад, ки онҳо аз ҷониби Парламент дар асоси пешниҳоди Президент барои муҳлати ҳафтсола интихоб мешаванд. Аъзои имрӯзаи КМИР, ки дар байни онҳо ду нафар зан мебошанд, моҳи октябри соли 2019 интихоб гардидаанд. Бештари ҳамсуҳбатони МАИ ДНДҲБ изҳори нигаронӣ карданд, ки КМИР аз мақомоти давлатӣ вобаста аст ва инчунин дар фаъолияти КМИР бетарафӣ дида намешавад.

КҲИ ва КУИ мақомоти муваққатии идоракунии раванди интихобот буда, ҳадди ақал 2 моҳ ва 45 рӯз мутаносибан пеш аз рӯзи интихобот ташкил карда мешаванд. Комиссияҳои ҳавзавии

---

[11] Инчунин ниг. ба қисматҳои *Бақайдгирии интихобкунандагон* ва *Бақайдгирии номзадҳо*.

[12] Дар натиҷаи тағйироту иловаҳо фаъолияти ҳизбҳои сиёсии динӣ манъ карда шуд, шартҳои иловагии мувофиқат, хусусан талабот оид ба таҳсилоти олӣ, набудани доғи судӣ новобаста аз бардошта шудани он ҷорӣ карда шуда, муқаррар карда шуд, ки мансабдорони ташкилотҳои динӣ наметавонанд дар интихобот номзадии худро гузоранд.

[13] Ҳарчанд КМИР ба МАИ ДНДҲБ оид ба сохтори идоракунии раванди интихобот маълумот пешниҳод кард, маълумот дар бораи шумора ва макони ҷойгиршавии Комиссияҳои участкавии интихобот дар Тоҷикистон дар сомонаи КМИР пахш нашуд.

интихобот масъули ташкили Комиссияҳои участкавии интихобот, ташкили чорабиниҳои маъракаи пешазинтихоботӣ барои номзадҳо ва муайян намудани натиҷаҳои интихобот дар ҳавза мебошанд. Комиссияҳои участкавии интихобот масъули таҳияи рӯйхати интихобкунандагон, баргузории овоздиҳӣ ва ҳисоби овозҳо мебошанд. Дар муассисаҳои тиббӣ ва қисмҳои ҳарбӣ участкаҳои интихоботии махсус ташкил карда шуда буд.[14]

Ҷараёни интихоб ва таъйини аъзои сохтори идоракунии интихобот дар тамоми сатҳҳо шаффоф нест ва меъёрҳои возеҳ барои он низ вуҷуд надорад.[15] Аъзои баъзе КҲИ ва КУИ ба МАИ ДНДҲБ маълумот доданд, ки аъзои комиссия асосан кормандони ниҳодҳои давлатӣ ё муассисаҳои ҷойгиршавии КУИ, бештар директорон ва омӯзгорони мактабҳо мебошанд. Аъзои КУИ аз ҷониби *кумитаи маҳалла* ва мақомоти иҷроияи маҳаллӣ дар асоси "иштироки фаъоли" онҳо дар ҳаёти ҷомеаҳои худ муайян карда мешаванд.[16]

*Ҷараёни ташаккули комиссияҳои интихоботӣ дар тамоми сатҳҳо бояд шаффоф бошад ва дар асоси шартҳои мушаххас татбиқ шуда, мустақилияти идоракунии раванди интихоботро таъмин намояд. Барои таъмини беғаразӣ ва баланд бардоштани зарфияти касбии комиссияҳо зарур аст, ки чораҳои давомдор андешида шаванд.*

КМИР сомонаи худро пеш мебарад, ки дар он тақвими чорабиниҳои интихоботӣ, баъзе қарору муқарраротро ҷойгир намуд. Мутобиқи қонун ҷаласаҳои КМИР бояд ба таври кушода ва дастрас барои аҳолӣ гузаронида шуда, қарорҳои он таҳти назорати ҷамъият қабул карда шаванд. Дар давраи мушоҳида намояндагони МАИ ДНДҲБ танҳо ба як ҷаласаи КМИР даъват шуданд, ки дар он ягон масъалаи асосӣ баррасӣ нашуд. Умуман, тарзи кори КМИР шаффоф набуд.[17]

КМИР тавассути барномаҳои телевизион ва радио ва бо истифода аз постерҳо маъракаҳои васеъ оид ба иттилоърасонии оммавӣ баргузор кард. Аз ҷониби Комиссияҳои участкавии интихобот дар байни интихобкунандагон даъватномаҳоро, ки дар он оид ба ҷойгиршавии участкаи интихоботӣ ва вақти кушодашавии онҳо зикр гардида буд, тақсим намуданд. Маъракаи иттилоърасонӣ ба интихобкунандагон пеш аз ҳама бо мақсади ҷалб намудани интихобкунандагон ва иттилоърасонии овоздиҳандагон оид ба тартиботи махсус аз сабаби пандемияи бемории коронавирус - Ковид-19 гузаронида шуд.

## VI. БАҚАЙДГИРИИ ИНТИХОБКУНАНДАГОН

Шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар рӯзи интихобот синнашон ба 18 расидааст, ҳуқуқи дар интихобот овоз доданро доранд. Новобаста аз тавсияҳои қаблии ДНДҲБ мутобиқи қонун дар бораи интихобот то ҳол шаҳрвандоне, ки мувофиқи ҳукми суд ҷазои маҳрум сохтан аз

---

14 Дар қисмати 3.2.xi Кодекси таҷрибаи пешқадам дар масоили интихоботи Комиссияи Шӯрои Аврупо оид ба демократия тавассути такмили қонунгузорӣ (Комиссияи венетсиягӣ) аз соли 2002 (Кодекси таҷрибаи пешқадам) тавсия дода мешавад, ки "ҳайати шахсии ҳарбӣ бояд дар ҳолатҳои имконпазир дар минтақаи истиқомати худ овоз диҳанд. Дар ҳолатҳои дигар, тавсия дода мешавад, ки онҳо барои овоздиҳӣ дар участкаи интихоботии ба ҷои адои вазифаашон наздиктарин ба қайд гирифта шаванд".

15 Дар банди 20 Шарҳи умумии Шӯрои ҳуқуқи башари СММ № 25 омадааст, ки "барои роҳбарии ҷараёни интихобот ва таъмини баргузории интихоботи одилона, бетарафона ва мутобиқи қонунҳои муқарраркардашудаи мувофиқ бо Паймон бояд мақоми мустақили интихоботӣ ташкил карда шавад".

16 *Кумитаҳои маҳалла* сохторҳои ғайрирасмии худидоракунӣ дар ҷомеаҳои Тоҷикистон мебошанд.

17 Дар Моддаи 1.c Конвенсияи СММ оид ба мубориза алайҳи коррупсия аз соли 2003 "корҳои ҷамъиятии росткорона, ҳисоботдиҳанда ва идоракунии зарурии онҳо" тарғиб карда мешавад. Дар Моддаи 10 аз ҳар як кишвари узв андешидани "чораҳои зарурӣ барои тақвияти шаффофият дар идоракунии давлатӣ, аз ҷумла вобаста ба ҷараёнҳои ташкил, фаъолият ва қабули қарор" даъват ба амал оварда мешавад. Инчунин лутфан ба банди 20 Шарҳи умумии КҲБСММ № 25 аз соли 1996 оид ба КБҲШС ва банди 18 Шарҳи умумии Шӯрои ҳуқуқи башари СММ № 34 эътибор диҳед.

озодиро адо мекунанд, новобаста аз вазнинии ҷинояти худ, инчунин шахсоне, ки аз тарафи суд ғайри қобили амал дониста шудаанд, ҳуқуқи дар интихобот иштирок карданро надоранд. Чунин маҳдудиятҳои беасос оқилона нестанд ва бар хилофи уҳдадориҳои кишвар дар назди САҲА ва дигар уҳдадориҳои байналмилалии он мебошад.[18]

Дар кишвар бақайдгирии ғайрифаоъли интихобкунандагон истифода бурда мешавад. Интихобкунандагон ба рӯйхати интихобкунандагон дар асоси маҳалли истиқомати доимӣ ё муваққатӣ ворид карда мешаванд. Ҳар як КУИ рӯйхати интихобкунандагонро дар ҳудуди ҳавзаи худ дар асоси маълумоти аз ҷониби мақомоти маҳаллӣ пешниҳодшуда ва тавассути тасдиқкунии чунин маълумот бо роҳи ташриф ба ҳар як хонавода пеш аз санаи интихобот таҳия мекунад. Интихобкунандагони дар хориҷа истиқоматдошта ба рӯйхати алоҳидаи интихобкунандагон дар асоси маълумоти аъзои дигари хонаводаи онҳо, ки дар Тоҷикистон истиқомат доранд, ворид карда мешаванд. Интихобкунандагоне, ки ҳангоми тасдиқи маълумот муайян намешаванд, аз рӯйхат бароварда намешаванд. Нисбат ба дигар мақомоти давлатӣ, ки дар бораи ҷои истиқомат, таваллуд, фавт ё ҳолати шаҳрвандии шаҳрвандон маълумот нигоҳ медоранд, ягон уҳдадорӣ ё механизми ҳуқуқие барои пешниҳоди маълумоти охирин ба Комиссияҳои участкавии интихобот пешбинӣ нашудааст. Новобаста аз тавсияҳои қаблии ДНДҲБ дар ягон сатҳ феҳристи доимии интихобкунандагон вуҷуд надорад ва ҳам дар қонунгузорӣ, ҳам дар таҷриба механизмҳои пешгирии бақайдгирии якчандкаратаи интихобкунандагон ба роҳ монда нашудааст, ки эҳтимолан росткории бақайдгирии интихобкунандагонро зери шубҳа мегузорад.[19]

*Дақиқ ва дуруст будани рӯйхати интихобкунандагон бояд бо дарназардошти феҳристи ягонаи маркази интихобкунандагон такмил дода шавад. Феҳристи интихобкунандагон бояд пеш аз ҳар як интихобот ҳамаҷониба нав карда шуда, дар сатҳи марказӣ хатоҳо ва бақайдгирии чандкарата санҷида шавад.*

Бино ба гуфтаҳои намояндагони КМИР ба рӯйхати пешакии интихобкунандагон 4,900,535 нафар ворид карда шуданд. Рӯйхатҳои интихобкунандагон барои назорати ҷамъиятӣ 15 рӯз пеш аз рӯзи интихобот дар участкаҳои интихоботӣ овезон карда шуданд ва интихобкунандагон имкон доштанд ба рӯйхат ворид кардан ё ислоҳ кардани номи худро дар вақти дилхоҳ ҳам то рӯзи интихобот ва дар худи ҳамон рӯз талаб намоянд. Интихобкунандагоне, ки дар рӯзи интихобот номи онҳо дар рӯйхат набуд, инчунин онҳое, ки мутобиқи ҷои зисти муваққатии худ овоз доданд, ба рӯйхати иловагӣ дар асоси ҳуҷҷати тасдиқкунандаи шахсияти онҳо ворид карда шуда, ҳеҷ гуна санҷиши муқоисавӣ бо дигар ҳуҷҷатҳо гузаронида нашуд ё ҳеҷ гуна механизме оид ба пешгирии овоздиҳии чандкарата истифода нашуд, ки ин бар хилофи таҷрибаи байналмилалии пешқадам мебошад.[20] Новобаста аз тавсияҳои қаблии ДНДҲБ қонун дар бораи интихобот ба интихобкунандагон иҷозат медиҳад, ки номи онҳо дар рӯзи интихобот бидуни ҳеҷ гуна баррасии маъмурӣ ё ҳуқуқӣ ба рӯйхат ворид карда шавад.

---

[18] Дар банди 24 Ҳуҷҷати копенгагении САҲА аз соли 1990 омадааст, ки маҳдудсозии ҳуқуқу озодиҳо бояд "қатъиян ба мақсади иҷрои қонуният мутаносиб бошад". Дар банди 14 Шарҳи умумии Шӯрои ҳуқуқи башари СММ № 25 омадааст, ки асос барои маҳрумкунӣ аз ҳуқуқи овоздиҳӣ бояд "воқеъбинона ва асосдор" бошад. Инчунин ниг. ба банди 7.3 Ҳуҷҷати копенгагении САҲА аз соли 1990. Дар банди 48 2014 Шарҳи умумии № 1 Кумитаи КҲШМ ба Моддаи 12 Конвенсияи СММ оид ба ҳуқуқҳои шахсони маъюб омадааст, ки "имконияти қарорқабулкунии шахс наметавонад барои маҳрум кардани шахси маъюб аз татбиқи ҳуқуқҳои сиёсӣ, аз ҷумла ҳуқуқ ба интихоб кардан [ва] интихоб шудан асос шавад".

[19] Дар банди 21 Шарҳи умумии № 25 Шӯрои ҳуқуқи башари СММ ба ПБҲШС омадааст, ки "принсипи як нафар ва як овоз бояд истифода шавад".

[20] Дар қисми I.1.2.iv Кодекси таҷрибаи пешқадам омадааст: "бояд тартиботи маъмурие, ки таҳти назорати судӣ қароргиранда ва ё тартиботи судие вуҷуд дошта бошад, ки барои бақайдгирии интихобкунандаи бақайдгирифтанашуда имкон диҳад; бақайдгирӣ набояд дар участкаи интихоботӣ дар рӯзи интихобот амалӣ гардад".

## VII. БАҚАЙДГИРИИ НОМЗАД

Шахсе ба номзадии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шуда метавонад, ки танҳо шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дошта бошад, синни ӯ аз 30 кам набуда, дорои таҳсилоти олӣ бошад, забони давлатиро донад ва дар ҳудуди ҷумҳурӣ на камтар аз 10 соли охир истиқомат дошта бошад. Шаҳрвандоне, ки барои содир намудани ҷиноят маҳкум шудаанд, инчунин ходимони иттиҳодияҳои динӣ ба мансаби Президенти ҶТ пешбарӣ шуда наметавонанд. Маҳдудиятҳои пешбарӣ шуда натавонистан дар асоси муҳлати истиқомат дар кишвар, таҳсилот, инчунин манъкунии беасос дар асоси доғи судӣ новобаста аз вазнинии ҷинояти содиркардашуда маҳдудиятҳои беасос ва табъизкунанда буда, бар хилофи уҳдадориҳо дар назди САҲА ва дигар уҳдадориҳои байналмилалӣ мебошад.[21]

Номзадҳо ба мансаби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи ҳизбҳои сиёсӣ, Федератсияи иттифоқҳои касабаи мустақили Тоҷикистон, Иттифоқи ҷавонони Тоҷикистон, Маҷлиси *вакилони* халқи вилоятҳо, инчунин Маҷлиси вакилони халқи ноҳия ва шаҳрҳо пешбарӣ карда мешаванд. Номзадҳои пешбаришуда бояд барои тарафдории худ имзои ҳадди ақал панҷ фоизи шаҳрвандонеро, ки ҳуқуқи интихоб кардан доранд, ҷамъ намоянд (тақрибан 245,000 имзо), ки ин талаботи баланди беасос мебошад.[22] Интихобкунандагон бояд ба тарафдории танҳо як номзад имзо гузоранд ва сохторҳои пешбарикунанда бояд барои ҷамъоварии имзо бланкаҳои аз ҷониби раисони шаҳру ноҳияҳо тасдиқшударо истифода баранд, ки онҳо ҳам имзоҳои ҷамъшударо месанҷанд.[23] Чанд ҳизб ба МАИ ДНДҲБ хабар доданд, ки дар муҳлати кӯтоҳ ҷамъоварии имзо мушкил буд.[24]

Панҷ ҳизб номзадҳои худро барои интихоботи мазкур ба қайд гирифтанд.[25] Дар байни номзадҳо ягон нафар зан набуд. ҲДТ роҳбари худро ҳамчун номзад ба қайд гирифта натавонист. Бино ба гуфтаҳои намояндагони КМИР ҳизби мазкур натавонист шумораи зарурии имзоҳоро ҷамъ намояд.[26] Дигар ҳизби бақайдгирифташуда – ҲСДТ, ки аксарият онро ҳамчун ягона ҳизби мухолиф мепиндорад, номзади худро пешбарӣ накард ва эълон кард, ки интихоботро таҳрим (бойкот) мекунад.

Новобаста аз тавсияҳои қаблии ДНДҲБ мутобиқи қонун ҳамоно номзадҳои мустақил наметавонанд бо роҳи худпешбарӣ худро пешбарӣ намоянд, ки ин бар хилофи уҳдадориҳои

---

21 Дар банди 15 Шарҳи умумии № 25 ШҲБСММ аз соли 1996 омадааст, ки "ҳама гуна маҳдудияти ҳуқуқ барои дар интихобот иштирок кардан... бояд дар асоси шартҳои объективона ва оқилона асоснок карда шавад. Шахсоне, ки дар дигар ҳолатҳо барои иштирок кардан дар интихобот ҳуқуқ доранд, набояд дар асоси шартҳои асоснокнашаванда ва табъизкунанда ба монанди таҳсилот, истиқомат аз чунин ҳуқуқ маҳрум карда шаванд...". Дар банди 24 Ҳуҷҷати копенгагении САҲА аз соли 1990 аз кишварҳои узв даъват ба амал оварда мешавад "тамоми чораҳои заруриро андешанд, то татбиқи тамоми ҳуқуқу озодиҳои асосии инсон... зери ягон маҳдудият қарор нагирад, ба истиснои ҳолатҳое, ки дар қонун чунин пешбинӣ шудааст, ва чунин маҳдудиятҳо бояд мувофиқи уҳдадориҳои байналмилалии онҳо бошад".

22 Дар банди 17 Шарҳи умумии № 25 ШҲБСММ аз соли 1996 омадааст, ки "агар аз номзад барои пешбарии номзадии ӯ доштани шумораи ҳадди ақалли тарафдорон талаб карда шавад, чунин талабот бояд оқилона бошад ва барои пешбарии номзадӣ набояд монеа шавад". Илова бар ин, ҳарчанд аз нуқтаи назари ҳуқуқӣ ҳатмӣ нест, ҳамчун мисоли таҷрибаи пешқадам дар қисмати I.1.3 Кодекси таҷрибаи пешқадами Комиссияи Венетсия оид ба масоили интихобот аз соли 2002 омадааст, ки "қонун набояд ҷамъоварии имзои зиёда аз як фоизи интихобкунандагонро дар ҳавзаи интихоботии дахлдор талаб кунад".

23 Мутобиқи Қарори КМИР № 89 варақаҳои тасдиқшуда дар як ҳавза наметавонад дар ҳавзаи дигар истифода шавад ва варақаҳои аз ҷониби мақомоти маҳаллӣ тасдиқнашуда эътибор надорад.

24 Давраи пешбарии номзадҳо, аз ҷумла пешбарии номзад дар анҷумани ҳизб ва ҷамъоварии имзоҳои тарафдорон аз санаи 6 август то 10 сентябр баргузор гардид.

25 Ба ин ҳизбҳо ҲАТ, ҲКМ, ҲХДТ, ҲИИТ ва ҲСТ дохил мешаванд. Номзади амалкунанда Президенти ҶТ ҷаноби Эмомалӣ Раҳмон иловатан аз ҷониби Федератсияи иттифоқҳои касабаи мустақил ва Иттифоқи ҷавонони Тоҷикистон пешбарӣ шуд.

26 Ба МАИ ДНДҲБ хабар дода шуд, ки баъзе имзоҳои аз ҷониби ҲДТ ҷамъкардашуда аз сабаби он, ки як нафар аз номи чанд нафар аъзои оила имзо кардааст, рад карда шуд.

кишвар дар назди САҲА ва дигар стандартҳои байналмилалӣ мебошад.[27] Ба чунин маҳдудият нигоҳ накарда, ду номзади эҳтимолӣ иброз доштанд, ки дар интихобот ҳамчун номзади худпешбаришуда иштирок намоянд. Як номзад мувофиқи хабарҳо пеш аз даст кашидан аз номзадии худ ҳарчанд дар варақаҳои расмӣ ҳам набошад, тақрибан 80 000 имзо ҷамъ кардааст.

*Ба Қонуни ҶТ "Дар бораи интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон" бояд тағйиру иловаҳо ворид карда шуда, ба номзадҳои худпешбар барои иштирок дар интихобот иҷозат дода шавад. Бо мақсади мувофиқ намудани тартиботи пешбарии номзадҳо бо таҷрибаи пешқадам дар масоили интихобот шумораи зарурии имзоҳо барои тарафдорӣ бояд кам карда шавад.*

## VIII. МУҲИТИ МАЪРАКАИ ПЕШАЗИНТИХОБОТӢ

Маъракаи пешазинтихоботӣ дар муҳити таҳти назорати қатъии мақомоти интихобот ва сохторҳои давлатӣ баргузор гардида, дар байни номзадҳо ва ҳизбҳои сиёсӣ баҳсҳои ҳақиқӣ ниҳоят кам баргузор гардид ва барои рақобат бо Президенти амалкунанда ҳеҷ имконият вуҷуд надошт. Ҳамин тариқ дар маъракаи пешазинтихоботӣ рақобат вуҷуд надошт ва ба интихобкунандагон барои интихоби ҳақиқӣ ва огоҳона мутобиқи стандартҳои байналмилалӣ имконият пешниҳод карда нашуд.[28]

Маъракаи пешазинтихоботӣ пас аз он, ки номзад ба қайд гирифта мешавад, оғоз гардида, як рӯз пеш аз рӯзи интихобот ба охир мерасад. Дар қонун дар бораи интихобот омадааст, ки ба номзадҳо барои иштирок карданашон дар маъракаи интихобот шароити баробар муҳайё карда шуда, имкониятҳи интихоби роҳҳои муошират бо интихобкунандагон пешниҳод карда мешавад. Бо вуҷуди ин, мақомоти интихоботӣ ва мақомоти маҳаллӣ дар ташкили чорабиниҳои таблиғотӣ, аз ҷумла таъйин кардани макон ва ба нақша гирифтану мониторинги ҷаласаҳо нақши калидӣ бозӣ мекунанд.[29]

Чи тавре, ки мушоҳидаҳои МАИ ДНДҲБ нишон дод, чорабинии асосии маъракаи интихоботӣ аз вохӯриҳое иборат буд, ки аз ҷониби мақомот бо ҳузури аъзои КҲИ ташкил карда шуда, дар он номзадҳо ё шахсони боэътимоди онҳо барономаҳои номзадҳоро ба мардум муаррифӣ мекарданд.[30] КМИР ба МАИ ДНДҲБ иттиллоъ дод, ки аз ҷониби номзадҳо ё шахсони боэътимоди онҳо зиёда аз 1000 вохӯрии таблиғотӣ гузаронида шуда, Комиссияҳои ҳавзавии интихобот ба номзадҳо тавассути тавсия додан ва омодасозии макони вохӯриҳо кӯмак расониданд. Ҳизби ҳокими ҲХДТ ба МАИ ДНДҲБ иттиллоъ дод, ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷаноби Эмомалӣ Раҳмон шахсан дар ин вохӯриҳо иштирок накард, вале ӯро шахсони боэътимоди ӯ муаррифӣ намуданд. Ҳарчанд номзадҳо имкон доштанд чорабиниҳои таблиғотии худро шахсан ташкил кунанд, аммо қонун дар бораи иттиҳодияҳо талаб мекунад, ки

---

27 Дар банди 7.5 Ҳуҷҷати копенгагении САҲА аз соли 1990 аз кишварҳои узв ҷиҳати "эҳтироми ҳуқуқи шаҳрвандон барои ба даст овардани мансабҳои сиёсӣ ва давлатӣ, ҳамчун шахси воқеӣ ё намояндагони ҳизбҳои сиёсиву ташкилотҳо бидуни табъиз" даъват ба амал оварда мешавад." Дар Моддаи 10.3 Конвенсияи ИДМ аз соли 2002 омадааст: "Номзадҳо метавонанд аз ҷониби интихобкунандагони ҳавзаи дахлдор ё тавассути худпешбарӣ пешбарӣ карда шаванд".

28 Мутобиқи банди 7.7 – и Ҳуҷҷати копенгагении САҲА аз соли 1990 кишварҳои узв ӯҳдадоранд "тамоми чораҳои зарурирo андешанд, то дар қонун ва сиёсати давлатӣ иҷозат дода шавад, ки чорабиниҳои таблиғотии сиёсӣ дар фазои одилона ва озод гузаронида шавад, дар он амалҳои маъмурӣ, зӯроварӣ ва ё таҳдид пеши роҳи ҳизбу номзадҳоро барои озодона муаррифӣ намудани нуқтаи назар ва ҷиҳатҳои қавии худ намегирад ва интихобкунандагон метавонанд чунин нуқтаи назару барномаҳоро омӯхта муҳокима намоянд."

29 Тартиби ташкили чорабиниҳои маъракаи пешазинтихоботӣ дар қарори КМИР аз 14 июли соли 2020 муфассал шарҳ дода шудааст.

30 Ҳар як номзад ҳуқуқ дошт 15 нафар шахси боэътимоди худро таъйин намояд.

тамоми чорабиниҳои оммавӣ дар асоси дархосте, ки на камтар аз 15 рӯз пеш аз чорабинӣ ирсол карда мешавад бояд аз ҷониби мақомоти давлатӣ пешакӣ иҷозат дода шавад.[31]

*Ба қонун дар бораи интихобот тағйирот ворид намуда, нақши мақомоти интихоботӣ ва мақомоти маҳаллӣ дар муайян кардани намудҳои маъракаи пешазинтихоботӣ ва ташкили чорабиниҳои таблиғотӣ ба таври назаррас маҳдуд карда шавад. Ба қонун дар бораи маҷлисҳо ва гирдиҳамоиҳо бояд тағйирот ворид карда шуда, ба ҷои талабот оид ба гирифтани иҷозат барои чорабиниҳои оммавӣ талаботи танҳо огоҳкунӣ ворид карда шавад.*

Дар қонун дар бораи интихобот муқаррароти таъминкунандаи шароити яксони рақобат дар байни номзадҳо, ғайриқонунӣ кардани истифодаи захираҳои маъмурӣ, кам кардани бартариҳои шахсони мансабдор ё танзим намудани хароҷоти буҷет дар давраи пешазинтихоботӣ вуҷуд надорад. Президенти амалкунанада, як тақвими ниҳоят интенсивии чорабиниҳои ба таври васеъ оммавишуда дошт, ки дар доираи он ба ҷойҳои гуногун сафар мекард ё иншоотҳои гуногунро ба истифода медод, бо мардум на ба ҳайси номзад, балки ба ҳайси Президент вохӯриҳо мегузаронид32. Илова бар ин расмҳои калонҳаҷми ин шахс бо контексти мусбат дар шаҳрҳо ва шоҳроҳҳо аз ҷониби МАИ ДНДҲБ дар миқёси кишвар мушоҳида гардид, ба ин шахс мусоидат кард. Баръакс ҳамон гуна, ки МАИ ДНДҲБ мушоҳида намуд, рекламаи берунаи тарғиботии номзадҳои дигар дар доираи маъракаи ҷамъиятӣ бо плакатҳои на он қадар калон бо инъикоси расм ва барномаи мухтасари онҳо танҳо як ҳафта пеш аз рӯзи интихобот ҷойгиркардашуда маҳдуд гардид.

*Ба қонунгузории соҳаи интихобот ҷиҳати ворид намудани муқаррароти ҷузъӣ бо мақсади ба таври возеҳ ҷудо намудани байни давлат, ҳизбҳои сиёсӣ ва номзадҳо ҷиҳати пешгирии он, ки рақобаткунандагон аз бартариҳои идораҳои худ бо мақсади интихобот истифода набаранд, тағйирот ворид карда шавад.*

Намояндагони баъзе ҳизбҳо дар суҳбат бо МАИ ДНДҲБ оид ба ҷалб намудани занҳо ба фаъолияти ҳизб, аз ҷумла ба вазифаҳои роҳбарикунанда таъкид намуданд. Баъзе ҳизбҳо ба барномаҳои худ масоили вобаста ба занон, аз ҷумла пешниҳоди кӯмакпулӣ ба занони серфарзанд ва хотима бахшидан ба фарқияти даромади байни мардону занонро ворид намуданд. Ҳарчанд аз ҷониби чанд ҳизб зикр гардид, ки баъзан дар назди намояндагони ақаллиятҳои миллӣ, хусусан ӯзбекҳо ва қирғизҳо бо забони онҳо баромад карданд, онҳо ба ягонагии ҳамаи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ишора намуда, ягон масъалаеро, ки мушаххасан ба ақаллиятҳои миллӣ бахшида шудааст, набардоштанд. Чанд ҳамсуҳбати дигар дар суҳбат бо МАИ ДНДҲБ қайд намуданд, ки мардуми Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, ки бо забони помирӣ сухан мекунанд, ақаллияти миллиро ташкил намедиҳанд.

## IX. МАБЛАҒГУЗОРИИ МАЪРАКАИ ПЕШАЗИНТИХОБОТӢ

Қонунгузорӣ дар бораи интихобот муқаррароти ҳадди ақалро оид ба маблағгузории маъракаи пешазинтихоботӣ дар бар мегирад. Дар он омадааст, ки тамоми номзадҳои бақайдгирифташуда ба шароити яксони дастгирии моддӣ, техникӣ ва молиявӣ ҳуқуқ доранд ва ба давлатҳои хориҷӣ, шахсони ҳуқуқӣ ва воқеии хориҷӣ дастгирии маъракаҳои пешазинтихоботӣ манъ аст. Дар қонун ҳеҷ гуна талабот оид ба гузоришдиҳӣ ва нашри маълумот ё ягон механизми назорат пешбинӣ нашудааст.

---

31 КМИР ба МАИ ДНДҲБ иттиллоъ дод, ки танҳо ду рӯз пеш огоҳ кардан зарур аст, ки ин бар хилофи талаботи қонун аст.

32 Дар параграфи 5.4 Ҳуҷҷати копенгагении САҲА аз соли 1990 “ҷудокунии возеҳи давлат аз ҳизбҳои сиёсӣ, хусусан омехта нашудани ҳизбҳои сиёсӣ бо давлат” пешбинӣ гардидааст.

Намояндагони КМИР ба МАИ ДНДҲБ иттиллоъ доданд, ки ба ҳар як номзад аз ҳисоби буҷети давлатӣ барои дастгирии маъракаи пешазинтихоботӣ 30 000 сомонӣ (тақрибан 2500 евро) ҷудо карда шуд.[33] Илова бар ин, ба номзадҳо иҷозат дода шудааст, ки маблағҳои аз ҳисоби захираҳои худӣ доштаашонро истифода баранд, аммо дар қонун дар бораи интихобот ҳеҷ гуна маҳдудият ё тартибот дар ин бора пешбинӣ нашудааст. Дар КМИР ба МАИ ДНДҲБ иттиллоъ дода шуд, ки номзадҳо бояд дар бораи тамоми хароҷотҳои худ дар як моҳи интихобот гузориши хаттӣ диҳанд ва КМИР гузоришҳои онҳоро аз санҷиш мегузаронад. Ҳеҷ гуна ҳуҷҷати асосӣ оид ба ҷудокунии маблағҳои давлатӣ, муқаррарот оид ба хайрияҳои хусусӣ ё ҳисоботҳои молиявӣ ба МАИ ДНДҲБ пешниҳод нагардид ё дар сомонаи КМИР нашр карда нашуд.

Набудани муқаррароти возеҳ ва ташаббусҳои шахсии ҳизбҳо ва номзадҳо оид ба ифшо намудани маблағҳои маъракаи пешазинтихоботӣ ба набудани шаффофият вобаста ба маблағҳои маъракаи пешазинтихоботӣ оварда расонид.[34]

*Заминаи қонунгузорӣ бояд даромадҳо ва хароҷоти маъракаи пешазинтихоботӣ, механизмҳои гузоришдиҳӣ ва назоратро ҳамаҷониба танзим намуда, инчунин барои риоя накардани принсипҳои шаффофият ва ҳисоботдиҳӣ оид ба маблағҳои барои маъракаи пешазинтихоботӣ ҷудошуда тадбирҳои боздоранда ро таъмин намояд.*

## X. ВОСИТАҲОИ АХБОРИ ОММА

### A. МУҲИТИ ФАЪОЛИЯТ ВА ЗАМИНАИ ҚОНУНГУЗОРӢ ОИД БА ВАО

Муҳити ВАО аз рақамҳо ғанӣ аст; бо вуҷуди ин плюрализм ва гуногунии муҳтаво маҳдуд аст.[35] Телевизион ва радио ҳамчун сарчашмаи асосии иттиллооти сиёсӣ боқӣ мемонад, аммо ВАО – и давлатӣ ва зери назорат қарордошта дар бозор бартарӣ дорад.[36] Мардум инчунин шабакаҳои асосии телевизионро, ки дар Федератсияи Россия фаъолият мекунад, ба таври васеъ тамошо мекунад. ВАО–и мустақил ҳам аз ҷониби мақомоти давлатӣ ваҳам ба сабаби бадшавии вазъияти иқтисодӣ дар зери фишор қарор доранд, ки ин мушкилотро яку якбора паст рафтани сатҳи даромад аз реклама дар натиҷаи вазъияти марбут ба беморӣи COVID-19 дучанд гардонид. Рӯзномаҳо бо шумораи кам нашр мешаванд.

Озодии баён, ки ҳарчанд Конститутсия онро кафолат медиҳад ва инчунин сензураи давлатӣ ва таъқиб барои танқидро манъ мекунад, дар амал ба таври назаррас маҳдуд мебошад. Муҳокимаҳои сиёсии плюралистӣ дар ҷамъият ниҳоят кам баргузор мегардад, зеро чунин шуморида мешавад, ки ВАО зертобеъи Ҳукумат мебошад. Сарчашмаҳои муҳими интернетӣ зуд

---

33 Дар давраи маъракаи пешазинтихоботӣ арзиши 1 евро тақрибан 12.0 сомониро ташкил медод.

34 Дар Моддаи 7.3 – и Конвенсияи СММ оид ба мубориза бар зидди коррупсия аз соли 2003 омадааст, ки “ҳар як кишвари узв бояд... бо мақсади баланд бардоштани шаффофият дар маблағгузории номзадҳо барои мансаби давлатии муайян дидани чораҳои дахлдори ҳуқуқӣ ва маъмуриро баррасӣ намояд”. Инчунин дар Моддаи 12 – и Конвенсияи ИДМ тамоми давлатҳои иштироккунанда уҳдадоранд “бо мақсади роҳ надодан ба ягон хайрияҳои манъшуда хусусияти кушода ва шаффофи тамоми хайрияҳои ба номзадҳо кардашударо таъмин намоянд.

35 Дар умум, ба 1 июли соли 2020 - 81 шабакаҳои телевизион ва радио (23-то давлатӣ), 11 агентиҳои иттиллоотӣ (1-то давлатӣ), 376 рӯзнома (112-то давлатӣ) ва 245 маҷалла (114-то давлатӣ) ба қайд гирифта шуда буданд.

36 Ягон шабакаи хусусӣ барои пахш кардан дар саросари ҷумҳурӣ иҷозатнома надорад.

– зуд бе ягон сабаби асосдор масдуд карда шуда, худсензура дар ВАО падидаи маъмул мебошад.[37]

Журналистон ба МАИ ДНДҲБ оид ба амалҳои давомдори тарсонидан аз ҷониби хадамоти амнияти давлатӣ ва нашр кардани маводҳои муаллифонашон номаълум дар бораи дсиёҳ кардани чанд танқидгари боқимондаи Ҳукумат хабар доданд. Чанд ҳамсуҳбати МАИ ДНДҲБ зикр намуданд, ки дар давоми чанд соли охир бақайдгирӣ ё азнавбақайдгирии ВАО як роҳи полоиши овозҳои танқидкунанда гардида, аккредитатсия дар аксари ҳолатҳо танҳо барои се моҳ дода мешавад. Бино ба гуфтаҳои чанд ҳамсуҳбати мустақили МАИ ДНДҲБ Вазорати фарҳанги ҶТ, ки мақоми масъули аккредитатсияи ВАО мебошад, барои аккредитатсия қаблан аз Кумитаи давлатии амнияти миллӣ иҷозати пешакӣ мегирад.[38] Дар қонун чунин тартибот пешбинӣ нашудааст.[39] Чанд намояндаи ВАО – и хориҷӣ, ки маводҳои таҳлилии танқидӣ чоп кардаанд, аз акредитатсия маҳрум шудаанд.[40]

Бар хилофи стандартҳои байналмилалӣ ва тавсияҳои қаблии ДНДҲБ таҳқир ва туҳмат нисбат ба Президент ва дигар мансабдорони давлатӣ дар ВАО ё шабакаҳои иҷтимоӣ ҳамчун ҳуқуқвайронкунии ҷиноӣ боқӣ монда, барои он ҷазо ба муҳлати то панҷ соли маҳрумкунӣ аз озодӣ дода мешавад.[41] Ин метавонад барои рӯзноманигорон муҳити тарснок эҷод кунад, ки дар натиҷа ба худсензура оварда мерасонад.[42]

*Озодии баён бояд дар амал кафолат дода шавад; ба рӯзноманигорон ва блоггерҳо бояд бе ягон сарбории маъмурӣ иҷозат дода шавад, ки масоили сиёсӣ ва ҷамъиятиро бе ягон тарсу ҳарос ва тарси қасдгирӣ фаро гиранд. Тамоми муқарраротe, ки барои туҳмат ва таҳқир таъқиби ҷиноӣ пешбинӣ мекунад, бояд бекор карда шуда, ба ҷои онҳо чораҳои маъмурӣ таъйин карда шавад.*

Таърифи норавшани ҷазои ҷиноӣ "барангехтани кинаву адовати динӣ" ба фарогирии масоили иҷтимоӣ ё сиёсӣ таъсири ҷиддӣ мегузорад. Санаи 16 – уми апрел рӯзноманигори озод Далер

---

37 Ниг.ба параграфҳои 47 ва 48 – и Мушоҳидаҳои ҷамъбастии Шӯрои ҳуқуқи башари СММ (ШҲБСММ) оид ба Гузориши даврии сеюми Ҷумҳурии Тоҷикистон. (CCPR/C/TJK/CO/3, 22 августи соли 2019). Инчунин ниг. ба мурочиати Намояндаи САҲА оид ба озодии ВАО ба мақомоти тоҷик ҷиҳати баркарор намудани дастрасӣ ба захираҳои ВАО – и интернетӣ (7 Майи соли 2019).

38 Азнавбақайдгирии Гурӯҳи расонаҳои "*Азия-Плюс*" аз моҳи августи соли 2020 инҷониб ба таъхир гузошта шуда истодааст. Дар натиҷаи надоштани шаҳодатномаи бақайдгирӣ КМИР аккредитатсияи нуҳ нафар рӯзноманигори онро барои фарогирии интихобот рад кард.

39 Чанд ҳамсӯҳбат аз ҳисоби созмонҳои ғайридавлатӣ озодона тасдиқ намуданд, ки чунин тартибот дар Вазорати фарҳанг танҳо ба таври пӯшида вуҷуд дорад. МАИ ДНДҲБ як вохӯриро бо Кумитаи давлатии амнияти миллӣ дархост кард, аммо дархости он қонеъ нагардид. Дархости расмии МАИ ДНДҲБ ба Вазорати фарҳанги ҶТ оид ба маълумоти расмӣ дар бораи тартиботи акредитатсияи ВАО инчунин бе ҷавоб монд.

40 Санаи 3 августи соли 2020 шабакаи телевизионии Радиои Аврупои озод/Радиои Озодӣ "Настояшие Время" маводеро оид ба маъракаи пешазинтихоботии ҷорӣ дар давраи пандемияи бемории COVID-19 ва пеш аз эълон гардидани интихобот пахш намуд. Акредитатсияи муаллифи маводи мазкур аз ҷониби ВКХ тамдид карда нашуд. Дар вакти интихобот аз 27 корманди идораи РАО/РО дар шаҳри Душанбе танҳо 13 нафари онҳо аккредитатсияи муътабар доштанд.

41 Дар параграфи 38 – и Шарҳи умумии ШҲБСММ № 34 аз соли 2011 ба Конвенсияи байналмилаии ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ омадааст, ки "ҳамаи ходимони давлатӣ, аз чумла онҳое, ки дар вазифаи воломақоми сиёсӣ ба монанди сарвари давлат фаъолият мекунанд..., қонунан зери танқид ва мухолифати сиёсӣ қарор мегиранд. Мутаносибан Маркази ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ [CCPR] вобаста ба қонунҳо дар масоили ба монанди... туҳмат нисбат ба сарвари давлат ва ҳифзи шаъну шарафи мансабдорони давлатӣ изҳори нигаронӣ мекунанд ва дар қонунҳо набояд танҳо дар асоси шахсияти инсон, ки шояд зери шубҳа гузошта шуда бошад, ҷазои нисбатан вазнин пешбинӣ карда шавад." Дар банди 47 инчунин омадааст, ки қонунҳо вобаста ба туҳмат бояд эҳтиёткорона таҳия карда шаванд, [...] то кафолат дода шавад, ки онҳо [...] озодии баёнро поймол накунанд.

42 Санаи 16 июни соли 2020 мақомоти давлатӣ рӯзноманигор ва блоггер Раҷаби Мирзоро барои фаҳмонида додани маънои 30 мақолааш даъват карданд ва ба ӯ гуфтанд, ки шояд ӯ барои таҳқири Президент ба ҷавобгарӣ кашида шавад. Прокуратураи генералӣ ба МАИ ДНДҲБ иттилоъ дод, ки дар айни замон нисбат ба рӯзноманигори мазкур ягон парвандае пеш бурда намешавад.

Шарифов, ки аз 29 – уми январи 2020 инҷониб дар боздоштгоҳи тафтишоти пешакӣ нигоҳ дошта мешуд, ба муҳлати як сол аз озодӣ маҳрум карда шуд. Ба МАИ ДНДҲБ иттиллоъ дода шуд, ки аз сабаби пандемияи бемории COVID-19 мурофиа ба таври пӯшида баргузор гардида, пас аз баромадани қарори суд ҳуқуқшиносони рӯзноманигор барои тамос бо ӯ имконияти маҳдуд доштанд. Баъзе рӯзноманигорон ва фаъолони соҳаи ҳуқуқи инсон қарори мазкурро ҳамчун огоҳнома бар зидди фарогирии масоили ҳассос пеш аз интихобот қабул намуданд.

Санаи 4 июли соли 2020, аз ҷониби Президент тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон имзо гардид, ки мутобиқи он ҳабси маъмурӣ ва ҷарима барои маълумоти қасдан бардурӯғ ва нодуруст оид ба пандемияи бемории COVID-19 пешбинӣ шудааст. Ба таври умумӣ 28 ташкилоти ҷамъиятӣ, созмонҳои расонаӣ ва рӯзноманигорони мустақил аз Президент даъват карданд, ки тағйиротҳои мазкур қабул карда нашавад, зеро онҳо ба сензура ва худсензура мусоидат намуда, дастрасӣ ба иттилооти дорои аҳамияти ҷамъиятиро маҳдуд хоҳанд намуд.[43] Чанд ҳамсуҳбати МАИ ДНДҲБ инчунин изҳор доштанд, ки муқарраროти нав маҷбур сохт, ки гурӯҳҳо дар фейсбук, ки аз ҷониби одамон барои нашри маълумот оид ба таҷрибаи шахсии худ вобаста ба беморӣ истифода мешуд, хомӯширо пеша намоянд.

Бештари ВАО – и мустақили интиқодие, ки таввасути интернет кор мекунанд, дар берун аз қаламрави кишвар ҷойгир шудаанд.[44] Дастрасӣ ба сомонаҳое, ки Ҳукуматро танқид мекунанд, ё доимӣ ва ё гоҳ – гоҳ бидуни сабаби асосдори ба омма дастрас ва ё ҷараёни шаффофи қабули қарорҳо масдуд карда мешаванд.[45] Заминаи қонунгузорӣ ва амалияи чунин амалҳо бо стандартҳои байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро имзо кардааст, мувофиқ нестанд.[46] Ба МАИ ДНДҲБ чанд ҳамсуҳбат хабар доданд, ки санаи 16 сентябр трафики воридшавандаи интернет ба Тоҷикистон тақрибан 50 дақиқа қатъ гардид ва ин вақт бо он вақте рост омад, ки яке аз пешвоёни мухолифин дар хориҷ аз кишвар тавассути интернет суханронӣ мекард. Мақомоти давлатӣ ба МАИ ДНДҲБ иттиллоъ дод, ки сабаби ин қатъсозӣ навкунии инфрасохтори фарохмавҷ буд.

## B. ФАРОГИРИИ МАЪРАКАИ ПЕШАЗИНТИХОБОТ

Барои фарогирии интихобот рӯзноманигорон бояд иловатан акредитатсияи КМИР – ро ба даст оранд ва бино ба гуфтаҳои намояндагони КМИР 304 нафар рӯзноманигор аккредитатсия карда шудаанд. Ба чанд расона, аз ҷумла Азия–Плюс ва як гурӯҳи рӯзноманигорони РАО/РО бо сабабҳои техникӣ акредитатсия рад карда шуд.

Дар қонун дар бораи интихобот пешбинӣ шудааст, ки тамоми номзадҳо ҳуқуқ доранд дар маъракаи пешазинтихоботӣ дар асоси баробар, аз ҷумла тавассути истифодаи воситаҳои ахбори омма иштирок намоянд. Ҳангоми фарогирӣ, аз ҷумла масоили интихобот, ВАО–и давлатӣ ва хусусӣ ба таври назаррас ба Агентии иттилоотии давлатии "Ховар", ки ягона сарчашмаи ваколатдори иттилооти расмӣ мебошад, такя менамоянд. Дар натиҷа, фарогирии маъракаи пешазинтихоботӣ асосан аз хабарҳо оид ба сафарҳои Президент ба ноҳияҳо, ки аз ҷониби Агентии "Ховар" пешниҳод мешуд, нашри барнома ва тарҷумаи ҳоли ҳар як номзад ва чанд

---

43 Ниг. ба аризаи даъвогии созмонҳои расонаӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ аз санаи 23 июн.

44 Сатҳи воридоти интернет тақрибан 30 фоизро ташкил медиҳад. .

45 Дастрасӣ ба сомонаҳои иттилоотӣ дар Тоҷикистон дар давраи маъракаи пешазинтихоботӣ масдуд боқӣ мемонд, дар ҳоле, ки сомонаи РАО/РО дар гузашта чунин мушкилотро дошта, дар давраи ташвиқот дастрас буд. Моҳи марти соли 2020 Суди олӣ сомонаи *Akhbor.com* – ро масдуд намуда, ин амали худро бо он асосдор кард, ки гӯё сомона ба созмонҳои террористию экстремистӣ майдони мусоид фароҳам меорад. Санаи 29 майи соли 2020 Намояндаи САҲА оид ба озодии ВАО нисбат ба таносуби чораи дидашуда изҳори нигаронӣ намуд

46 Дар банди 15 – и Шарҳи умумии ШҲИ СММ № 34 аз соли 2011 омадааст: "кишварҳои узв бо мақсади таъмини дастрасии ҳар як шахс ба (ВАО – и интернетӣ) бояд тамоми чораҳоро андешанд". Қатъномаи ШҲБСММ оид ба тарғиб, ҳифз ва татбиқи ҳуқуқи инсон дар интернет аз соли 2012 тасдиқ мекунад, ки "ҳамон ҳуқуқҳое, ки одамон бидуни интернет доранд, махсусан озодии баён бояд дар интернет низ ҳифз шавад,".

мусоҳиба иборат буд. Ҳама маводҳо бештар яксон буданд ва фикрҳои гуногун маҳдуд буд, ки ин ба интихоботкунандагон барои интихоби бошуурона имконият намедод.

Ягон мубоҳисаи телевизионии номзадҳо баргузор нагардид, ки ба интихобкунандагон барои баҳодиҳии муқоисавии барномаҳои онҳо имконият диҳад. Бино ба гуфтаҳои баъзе ҳамсуҳбатони МАИ ДНДҲБ ВАО–и мустақил барои ташкил намудани баҳсҳо кӯшиш ба харҷ нададанд, зеро ягон номзад ҳамчун рақиби аслии Президенти амалкунанда ҳисоб намешуд. Ба таври маҳдуд фаро гирифтани интихобот инчунин аз сабаби рӯҳафтодагии умумии интихобкунандагон ва инчунин аз сабаби худсензура аз ҷониби журналистон оид ба масоили сиёсӣ буд.

Ҳамзамон ВАО – и давлатӣ ва хусусӣ ба Президенти амалкунанда бартарии ноодилона дода, сафарҳои он шахсро ба минтақаҳо ба таври васеъ фаро гирифтанд ва барои омӯзиши пешниҳодҳои дигари сиёсӣ имконияти кам гузоштанд. Ҳамсуҳбатҳои МАИ ДНДҲБ аз ҳисоби намояндагони ВАО ва сохторҳои давлатӣ чунин фарогириро бо он асоснок карданд, ки сафарҳои Президент пешакӣ ба нақша гирифта шуда, онҳоро Президент ба ҳайси Президент анҷом дод. КМИР ВАО–ро дар мавриди фарогирии баробар назорат накард.

Мутобиқи як қарори КМИР ба ҳар як номзад 40 дақиқа вақти ройгони эфир дар шабакаҳои телевизион ва радиои давлатӣ дода шуда, шахсони боэътимоди онҳо имкон доштанд 20 дақиқаи иловагии дигар истифода баранд. Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати ҶТ ба МАИ ДНДҲБ иттилооъ дод, ки тамоми номзадҳо ва намояндагони онҳо вақти ройгони эфирро дар шабакаи давлатии "Телевизиони Тоҷикистон" интихоб намуданд. Ҳарчанд таблиғи пулакӣ иҷозат дода шудааст, Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати ҶТ изҳор дошт, ки ягон номзад онро истифода набурд.

## XI. АРЗУ ШИКОЯТҲО

Шикоят оид ба қарорҳои комиссияҳои интихоботӣ мумкин аст ба комиссияи сатҳи болоии интихоботӣ ё ба суд пешниҳод карда шавад. Чунин низоми дугонаи ҳалли масоили ҳуқуқӣ, ки дар он возеҳият дида намешавад ва эҳтимолияти қарорҳои мухолифаткунанда оид ба баҳсҳои интихоботӣ вуҷуд дорад, метавонад ба ҳуқуқ ба муҳофизати судӣ халал расонида, ба муайянии ҳуқуқӣ халал расонад.[47]

Шикоят оид ба қарорҳои КМИР ба Суди Олӣ дар давоми 10 рӯз пешниҳод карда шуда, суд вазифадор аст дар давоми 3 рӯз қарор қабул намояд, ба истиснои ҳолате, ки аризаи шикоятӣ дар давоми 6 рӯз пеш аз интихобот пешниҳод шуда бошад, ки дар ин ҳолат он бояд ба таври фаврӣ баррасӣ карда шавад. Дар қонун дар бораи интихобот омадааст, ки КМИР бояд натиҷаҳои пешакиро дар давоми 24 соат ва натиҷаҳои ниҳоиро дар давоми 10 рӯз пас аз овоздиҳӣ эълон намояд. Азбаски барои баҳси қарори КМИР оид ба натиҷаҳои интихобот мухлати ниҳоии дигар вуҷуд надорад, ба назар чунин мерасад, ки муқаррарот оид ба ҷамъбасти натиҷаҳо барои пешниҳоди аризаи шикоятӣ имкон намедиҳад ва ҳамин тариқ имконияти ҳалли ҳуқуқии масъаларо аз байн мебарад.[48]

---

47 Ҳарчанд барои Тоҷикистон аз нуқтаи назари ҳуқуқӣ ҳатмӣ нест, ҳамчун намуна дар қисми II.3.3.c Кодекси таҷрибаи пешқадам тавсия дода мешавад, ки "дар тартиботи пешниҳоди аризаи шикоятӣ ва хусусӣ ваколату ӯҳдадориҳои сохторҳои гуногун дар қонун бояд ба таври возеҳ танзим карда шавад, то низои ҳалли масоили ҳуқуқӣ (хоҳ мусбат ва хоҳ манфӣ) пешгирӣ карда шавад. Ҳам шикояткунандагон ва ҳам мақомот набояд имконияти интихоби сохтори баррасии шикоятро дошта бошанд".

48 Дар банди 5. 10 – и Ҳуҷҷати копенгагении САҲА аз соли 1990 омадааст, ки "бо мақсади кафолат додани риояи ҳуқуқҳои асосӣ ва таъмини риояи қонуният ҳар як шахс василаи муассири ҳифзи ҳуқуқӣ аз қарорҳои маъмуриро хоҳад дошт". Моддаи 2 (3) – и Конвенсияи байналмилалии ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ (КБҲШС) кишварҳои узвро ӯҳдадор мекунад, ки "тамоми чораҳоро андешанд, то ҳар як шахсе, ки ҳуқуқу озодиҳои дар ҳуҷҷати мазкур зикргардидаи ӯ поймол мегардад, воситаи самараноки ҳифзи ҳуқуқӣ дошта

*Бо мақсади таъмини ҳуқуқ ба ҳалли самарабахши ҳуқуқӣ бояд муҳлати ниҳоии дақиқ вобаста ба баҳсҳои баъдиинтихоботӣ муайян карда шавад.*

*КМИР, Суди олӣ, Прокуратураи генералӣ ва Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ба МАИ ДНДҲБ иттиллоъ доданд, ки дар давраи пешазинтихоботӣ ягон шикоят ворид нашудааст. МАИ ДНДҲБ дар бораи ягон шикояти пас аз интихобот воридшуда хабар надорад ва ягон маълумоти расмӣ оид ба сабабҳои он, ки аккредитатсияти МАИ ДНДҲБ пас аз эълони натиҷаҳои пешакӣ ба итмом расид, пешниҳод карда нашуд.*

## XII. МУШОҲИДАИ ИНТИХОБОТ АЗ ҶОНИБИ МУШОҲИДАГАРОНИ МАҲАЛЛӢ ВА БАЙНАЛМИЛАЛӢ

Дар қонун дар бораи интихобот мушоҳидаи интихобот аз ҷониби ҳизбҳои сиёсӣ ва сохторҳои дигаре, ки номзади худро ба мансаби Президенти Ҷумҳурии Тоҷиксnúmton пешбарӣ кардаанд, инчунин аз ҷониби мушоҳидагарони байналмилалӣ пешбинӣ шудааст. Ба ҳар ҳол қонун мушоҳидаро аз ҷониби мушоҳидагарони мустақил ва холис пешбинӣ намекунад, ки ин шаффофиятро паст карда, бар хилофи банди 8 – и Ҳуҷҷати копенгагении САҲА аз соли 1990 мебошад.[49]

Дар қонун инчунин ба мушоҳидагарон пайгирии ҷараёни пурраи интихобот иҷозат дода намешавад ва аккредитатсияи онҳо пас аз эълони натиҷаҳои пешакии интихобот як рӯз баъд аз рӯзи интихобот ба охир мерасад. Намояндагони чанд созмони ҷомеаи шаҳрвандӣ ба МАИ ДНДҲБ иттиллоъ доданд, ки аз сабаби тарси интиқом ва ҳабсшавӣ аз муҳокимаи озод ё чорабиниҳои вобаста ба интихобот даст кашидаанд. МАИ ДНДҲБ вазифадор буд, ки пеш аз хатми пурраи раванди интихобот ба мушоҳида хотима диҳад.

*Ба Қонун дар бораи интихобот бо мақсади додани имконият барои мушоҳидаи тамоми зинаҳои раванди интихобот аз ҷониби мушоҳидагарони бетараф аз байни шаҳрвандон ва нозирони байналмилалӣ тағйироту иловаҳо ворид карда шавад.*

## XIII. РӮЗИ ИНТИХОБОТ

Мутобиқи методологияи ДНДҲБ, МАИ ДНДҲБ корҳоро дар рӯзи интихобот ба таври ҳамаҷониба дар тамоми кишвар мушоҳида накард. Аъзои миссия ба шумораи маҳдуди участкаҳои интихоботӣ дар шаҳру ноҳияҳои Душанбе, Файзобод, Ҳисор, Рӯдакӣ, Норак ва Ваҳдат, инчунин ноҳияҳои шаҳри Душанбе ҳангоми овоздиҳии пешакӣ ташриф оварданд.

Овоздиҳии пешакӣ барои шахсоне, ки имкон надоштанд дар рӯзи интихобот овоз диҳанд, панҷ рӯз пеш аз рӯзи интихобот ташкил карда шуд. КМИР ягон маълумоте оид ба иштироки интихобкунандагон пеш аз рӯзи интихобот нашр накрд; бо вуҷуди ин дар он Комиссияҳои участкавии интихобот, ки МАИ ДНДҲБ ба онҳо ташриф овард, аз овоздиҳии пешакӣ танҳо шумораи хурди интихобкунандагон истифода бурданд.

---

бошад, новобаста аз он, ки чунин поймолкунӣ аз ҷониби шахсони ҳамчун шахси мансабдор фаъолияткунанда содир гардидааст".

49 Дар банди 8 – и Ҳуҷҷати копенгагении САҲА аз соли 1990 омадааст, ки "кишварҳои узв бар он ақидаанд, ки ҳузури мушоҳидагарон, чӣ маҳаллӣ ва чӣ байналмилалӣ, метавонад ба такмили раванди интихобот мусоидат кунад". Инчунин ниг. ба банди 10 – и Ҳуҷҷати копенгагении САҲА аз соли 1990. Дар қисми II.3.2.b. – и Кодекси Комиссияи венетсиягӣ оид ба таҷрибаи пешқадам дар масоили интихобот машварат дода мешавад, ки "мушоҳида набояд танҳо бо худи рӯзи интихобот маҳдуд гардад [...], он бояд барои муайян кардани он, ки оё то, ҳангоми ва пас аз интихобот ягон ҳуқуқвайронкунӣ ҷо дошт ё не, имконият диҳад."

Овоздиҳӣ дар рӯзи интихобот аз соати 6:00 то 20:00 баргузор гардида, овоздиҳии сайёр барои интихобкунандагони дар хона қарордошта дар асоси дархост ташкил карда шуд. Чораҳои муҳофизат аз бемории COVID-19 дар тамоми участкаҳои интихоботие, ки ба он ташриф оварда шуд ва онҳо дар сатҳи баланд мучаҳҳаз гардида буданд, таъмин карда шуда, аз ҷониби тамоми шаҳрвандон риоя мешуд.

Дар аксарияти участкаҳои интихоботии ташрифовардашуда МАИ ДНДҲБ мушоҳида намуд, ки ҳозиршавии овоздиҳандагон дар муқоиса бо шумораи имзои интихобкунандагон дар рӯйхати нтихобкунандагон, ки аз ҷониби Комиссияҳои участкавии интихобот дар ин бора маълумот дода шуд, ба таври назаррас зиёд нишон дода шуд. МАИ ДНДҲБ инчунин мушоҳида намуд, ки ба интихобкунанагон аз ҷониби кормандони Комиссияҳои участкавии интихобот чанд бюллетени овоздиҳӣ дода мешуд ва дар рӯйхати интихобкунандагон дар баъзе қисматҳо чанд имзои якхела ба назар мерасид, ки ин аз эҳтимолияти овоздиҳӣ дар асоси эътимод аз номи чанд кас ё ба қуттии бюллетенҳо якбора партофтани чанд бюллетен хабар медиҳад.

Ба МАИ ДНДҲБ мушоҳидаи ҳисобкунии овозҳо танҳо дар як участкаи интихоботӣ иҷозат дода шуд, вале дар қатори дигар намояндагони ҳизбҳо хоҳиш карда шуд, ки аз ҷои ҳисобкунии овозҳо дар фосилаи ба таври назаррас дур истанд, ки ин барои мушоҳидаи ҳамаҷониба имконият надод. Аз ин лиҳоз мушоҳидаи он, ки оё сабтҳо, рӯйхати интихобкунандагон ё бюллетенҳо то чӣ андоза дуруст шуморида шуд, ё чӣ гуна дар бюллетенҳо қайд гузошта шуд ва ё ҷудо карда шуд, имконнопазир буд. МАИ ДНДҲБ барои мушоҳидаи он, ки чи гуна шубҳаҳо дар ҳолати дақиқ набудани қайдҳо дар бюллетенҳо ё чи гуна ягон тартиботи санҷиши онҳо гузаронида шуд, имконият надошт. Ба МАИ ДНДҲБ мушоҳидаи ҷараёни ҷамъбаст дар Комиссияҳои участкавии интихобот иҷозат дода нашуд, ки ин бештар нигарониро оид ба ҷараёни росткорона, шаффоф ва ҳисоботдиҳандаи муайянкунии натиҷаи интихобот ба миён овард.

Санаи 12 октябр КМИР натиҷаҳои пешакиро дар як нишасти матбуотӣ эълон намуд. Санаи 14 октябр натиҷаҳои ниҳоӣ дар сомонаи сохтори мазкур нашр карда шуд. Бино ба гуфтаҳои КМИР дар интихобот 85,44 фоиз интихобкунандагон ҳозир шуданд. Маълумоти муҳим ба монанди ҳозиршавии интихобкунандагон ва натиҷаҳои интихобот дар тақсимот аз рӯи Комиссияҳои участкавии интихобот ва Комиссияҳои ҳавзавии интихобот, овоздиҳӣ дар хориҷа ё бюллетенҳои беэътиборгардида пешниҳод нагардид, ки ин бар хилофи стандартҳои байналмилалӣ ва таҷрибаи пешқадами мавҷуда мебошад.[50]

*КМИР бояд дар бораи натиҷаҳои пешакӣ ва ниҳоӣ саривақт маълумоти пурраи аз рӯи ҳавзаҳо ва участкаҳои интихоботӣ тақсимшударо пешниҳод кунад.*

## XIV. ТАВСИЯҲО

Тавсияҳои афзалиятдори мазкур, ки дар тамоми матн зикр гардидаанд, бо мақсади беҳтар намудани баргузории интихобот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дастгирии кӯшишҳо оид ба мувофиқсозии пурраи онҳо бо уҳдадориҳои кишвар дар назди САҲА ва дигар уҳдадориҳову стандартҳои байналмилалии интихоботи демократӣ пешниҳод карда мешавад. Тавсияҳои

50 Дар банди 20 – и Шарҳи умумии Шӯрои ҳуқуқи башари СММ № 25 аз соли 1996 омадааст: бояд ҷараёни овоздиҳӣ ва ҳисобкунии овозҳо таҳти санҷиши озод қарор дода шавад […] то интихобкунандагон ба қобили эътимод будани бюллетенҳо ва ҳисобкунии овозҳо боварӣ дошта бошанд”. Дар моддаи 10 – и КСМММК омадааст, ки кишвари узв ҳангоми зарурат барои таъмини шаффофият дар низоми идоракунии давлатии худ, аз ҷумла вобаста ба ҷараёни ташкил, фаъолият ва қабули қарор тамоми чораҳои заруриро меандешад. Қисмати 3.2.xiv – и Кодекси комиссияи венетсиягӣ оид ба таҷрибаи пешқадам дар масоили интихобот тавсия медиҳад, ки “натиҷаҳо” бояд дар сатҳи баланд ва ба таври кушоду равшан интиқол дода шаванд”.

мазкур бояд дар якҷоягӣ бо тавсияҳои қаблии ДНДҲБ, ки то ҳол иҷро нагардидаанд, ба инобат гирифта шаванд. ДНДҲБ омода аст ба мақомоти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати боз ҳам такмил додани раванди интихобот ва иҷрои тавсияҳои дар гузориши мазкур ва гузоришҳои қаблӣ инъикосгардида кӯмаки худро дареғ надорад.[51]

1. Бо мақсади таъмини имкониятҳои баробар барои тамоми иштироккунандагон ва баробарии шаҳрвандон дар назди қонун муқаррароте, ки ба Президенти амалкунанда мақоми хос ва бартариҳои вобаста ба интихобот, аз ҷумла ҳуқуқи ба давраҳои бемаҳдуди президентӣ интихоб шуданро медиҳад, бояд мавриди бознигарӣ қарор дода шавад.

2. Бо мақсади аз байн бурдани маҳдудиятҳои беасос ва табъизкунандаи ҳуқуқу озодиҳои асосӣ ва дигар камбудиҳои назаррасе, ки дар гузоришҳои мазкур ва қаблии ДНДҲБ оварда шудаанд, бояд ислоҳоти ҷиддии заминаи ҳуқуқии марбут ба интихобот гузаронида шавад.

3. Ҷараёни ташкили комиссияҳои интихоботӣ дар тамоми сатҳҳо бояд шаффоф бошад ва дар асоси шартҳои мушаххас татбиқ шуда, мустақилияти идоракунии раванди интихоботро таъмин намояд. Барои таъмини беғаразӣ ва баланд бардоштани зарфияти касбии комиссияҳо зарур аст, ки чораҳои давомдор андешида шаванд.

4. Бо дарназардошти ҷорисозии феҳристи ягонаи марказии интихобкунандагон дақиқии рӯйхати интихобкунандагон бояд беҳтар карда шавад. Феҳристи интихобкунандагон бояд пеш аз ҳар як интихобот ҳамаҷониба нав карда шуда, дар сатҳи марказӣ хатоҳо ва бақайдгирии чандкарата санҷида шавад.

5. Ба Қонуни ҶТ “Дар бораи интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон” бояд тағйиру иловаҳо ворид карда шуда, ба номзадҳои худпешбар барои иштирок дар интихобот иҷозат дода шавад. Бо мақсади мувофиқ намудани тартиботи пешбарии номзадҳо бо таҷрибаи пешқадам дар масоили интихобот шумораи зарурии имзоҳо барои тарафдорӣ бояд кам карда шавад.

6. Ба қонун дар бораи интихобот тағйирот ворид намуда, нақши мақомоти интихоботӣ ва мақомоти маҳаллӣ дар муайян кардани намудҳои маъракаи пешазинтихоботӣ ва ташкили чорабиниҳои таблиғоти ба таври назаррас маҳдуд карда шавад. Ба қонун дар бораи иттиҳодияҳо бояд тағйирот ворид карда шуда, ба ҷои талабот оид ба гирифтани иҷозат барои чорабиниҳои оммавӣ талаботи танҳо огоҳкунӣ талаб карда шавад.

7. Ба қонунгузории соҳаи интихобот ҷиҳати ворид намудани муқаррароти ҷузъӣ бо мақсади ба таври возеҳ ҷудо намудани байни давлат, ҳизбҳои сиёсӣ ва номзадҳо ҷиҳати пешгирии он, ки рақобаткунандагон аз бартариҳои идораҳои худ бо мақсади интихобот истифода набаранд, тағйирот ворид карда шавад.

8. Заминаи қонунгузорӣ бояд даромадҳо ва хароҷоти маъракаи пешазинтихоботӣ, механизмҳои гузоришдиҳӣ ва назоратро пурра танзим намуда, инчунин барои риоя накардани принсипҳои таъмини шаффофият ва ҳисоботдиҳӣ оид ба маблағҳои барои маъракаи пешазинтихоботӣ ҷудошуда чораҳои (санксияҳои) боздоранда пешбинӣ карда шавад.

---

[51] Дар параграфи 25 Санади истанбулии САҲА – соли 1999 кишварҳои узви САҲА ба худ уҳдадорӣ гирифтанд, ки “ба таври лозим арзёбиҳо ва тавсияҳои интихоботии ДНДҲБ-ро пайгирӣ хоҳанд кард”. Пайгирии тавсияҳои қаблӣ аз ҷониби МАИ ДНДҲБ чунин будааст: тавсияҳо аз гузориши ниҳоии ДНДҲБ дар интихоботи парлумонии соли 2020, ки қобили татбиқ барои интихоботи президентӣ ҳам мебошанд, татбиқ нашуданд. Ниг. ҳамчунин махзани иттилоотии тавсияҳои интихоботии ДНДҲБ.

9. Озодии баён бояд дар амал кафолат дода шавад; ба рӯзноманигорон ва блогерҳо бояд бе ягон сарбории маъмурӣ иҷозат дода шавад, ки масоили сиёсӣ ва ҷамъиятиро бе ягон тарсу ҳарос ва тарси қасдгирӣ фаро гиранд. Тамоми муқарраротe, ки барои туҳмат ва таҳқир таъқиби ҷиноӣ пешбини мекунад, бояд бекор карда шуда, ба ҷои онҳо ҷазои маъмурӣ таъйин карда шавад.

10. Бо мақсади таъмини ҳуқуқи ҳалли самарабахши қонунӣ бояд муҳлати возеҳ барои баррасии баҳсҳои баъд аз интихоботӣ муайян карда шавад.

11. Ба Қонун дар бораи интихобот бо мақсади додани имконият барои мушоҳидаи тамоми зинаҳои раванди интихобот аз ҷониби мушоҳидагарони бетарафи шаҳрвандӣ ва байналмилалӣ тағйироту иловаҳо ворид карда шавад.

12. КМИР бояд дар бораи натиҷаҳои пешакӣ ва ниҳоӣ сари вақт маълумоти пурраро аз рӯи ҳавзаҳо ва участкаҳои интихоботӣ тақсимшуда пешниҳод кунад.

## ЗАМИМА: НАТИҶАИ НИҲОИИ ИНТИХОБОТ[52]

| Номзад | Шумораи овоз | Фоиз |
|---|---|---|
| Абдуллоев Мироҷ | 49535 | 1.17 |
| Ғаффорзода Абдуҳалим | 63 082 | 1.49 |
| Латифзода Рустам | 128182 | 3.02 |
| Рахматзода Рустам | 90918 | 2.14 |
| Раҳмон Эмомалӣ | 3853987 | 90.92 |

| | |
|---|---|
| Шумораи умумии интихобкунандагон | 4,900,545 |
| Шумораи интихобкунандагоне, ки овоз доданд | 4,238,839 (85.44 %) |

52 Сарчашма: Қарори КМИР аз 14 октябри соли 2020.

# МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ ДНДҲБ

Дафтари ниҳодҳои демократӣ ва ҳуқуқи башар (ДНДҲБ) сохтори асосии САҲА оид ба дастгирии кишварҳои узв ҷиҳати "таъмини эҳтироми пурраи ҳуқуқу озодиҳои асосии инсон", риояи волоияти қонун, тарғиби принсипҳои демократия ва ташаккул, таҳким ва ҳифзи ниҳодҳои демократӣ, инчунин мусоидат ба таҳаммулпазирӣ дар саросари ҷомеа мебошад" (Ҳуҷҷати Саммити Ҳелсинки, 1992). Ин ба андозагирии инсонии САҲА дахл дорад.

ДНДҲБ, ки дафтари он дар шаҳри Варшава (Лаҳистон) воқеъ аст, ҳамчун Дафтари интихоботи озод дар Саммити Париж соли 1990 таъсис дода шуда, фаъолияти худро моҳи майи соли 1991 оғоз намудааст. Пас аз як сол бо мақсади инъикоси ваколати васеъкардашудаи дафтар ҷиҳати ворид намудани масоили ҳуқуқи инсон ва демократикунонӣ номи он дигар карда шуд. Дар айни ҳол дар он зиёда аз 150 нафар корманд фаъолият дорад.

ДНДҲБ дар Аврупо сохтори пешбаре дар соҳаи **мушоҳидаи интихобот** аст. Ҳар сол он сафарбаркунии ҳазорон мушоҳидагаронро барои баҳодиҳии он ҳамоҳанг ва ташкил мекунад, ки оё интихобот дар минтақаи САҲА мутобиқи уҳдадориҳо дар доираи САҲА, дигар уҳдадориву стандартҳои байналмилалӣ оид ба интихоботи демократӣ ва қонунгузории миллӣ гузаронида мешавад ё не. Методологияи беҳамтои он ба дарки амиқи ҷараёни интихобот дар умум имконият медиҳад. Тавассути лоиҳаҳои дастгирӣ ДНДҲБ ба кишварҳои узв дар такмили заминаи қонунгузории онҳо кӯмак мекунад.

Фаъолияти Дафтар дар масоили **демократикунонӣ** соҳаҳои зеринро фаро мегирад: мусоидат ба волоияти қонун, дастгирӣ дар ҷодаи такмили қонунгузорӣ, идоракунии стратегӣ, муҳоҷират ва озодии ҳаракат ва баробарии гендерӣ. ДНДҲБ ҳар сол як қатор барномаҳои ҳадафманди дастгириро бо мақсади рушди сохторҳои демократӣ амалӣ мекунад.

ДНДҲБ инчунин кишварҳои узвро дар иҷрои уҳдадориҳо ҷиҳати мусоидат ва ҳифзи **ҳуқуқи инсон** ва озодиҳои асосии он мутобиқи уҳдадориҳо дар доираи андозагириҳои инсонии САҲА дастгирӣ мекунад. Ташкилот ба максадҳои худ дар ин ҷода тавассути ҳамкорӣ бо шарикони гуногун ҷиҳати тақвияти ҳамкорӣ, баланд бардоштани зарфият ва пешниҳоди таҷриба дар соҳаҳои муайян ба монанди ҳуқуқи инсон дар мубориза алайҳи терроризм, таҳкими механизмҳои ҳифзи ҳуқуқи шахсони ҷабрдидаи савдои одамон, таҳсилот ва омӯзиш дар масоили ҳуқуқи инсон, мониторинг ва ҳисоботдиҳӣ оид ба ҳуқуқи инсон, инчунин ҳуқуқи инсон ва бехатарии занон ноил мегардад.

Дар масоили **таҳаммулпазирӣ** ва **муносибати бидуни табъиз**, ДНДҲБ кишварҳои узвро дар тақвияти муборизаи онҳо алайҳи ҷиноят дар заминаи бадбинӣ ва ҳолатҳои нажодпарастӣ, бегонаситезӣ (ксенофобия), антисемитизм ва дигар намудҳои таҳаммулнопазирӣ дастгирӣ мекунад. Фаъолияти ДНДҲБ дар масоили таҳаммулпазирӣ ва муносибати бидуни табъиз ба соҳаҳои зерин равона карда шудааст: қонунгузорӣ; омӯзиши кормандони ҳифзи ҳуқуқ; мониторинг, маълумотдиҳӣ оид ба ҳолатҳои ҷиноят ва қонунвайронкуниҳо дар заминаи бадбинӣ ва пайгирии чораҳо бар зидди чунин ҷиноят; инчунин фаъолиятҳои маърифатӣ бо мақсади мусоидат ба таҳаммулпазирӣ, эҳтиром ва ҳамдигарфаҳмии муштарак.

ДНДҲБ ба кишварҳои узв оид ба сиёсати онҳо нисбат ба **мардуми ҷӯгӣ ва синтӣ** тавсияҳо медиҳад**.** Ниҳоди мазкур ба рушди зарфият ва эҷоди шабака дар байни мардуми ҷӯгӣ ва синтӣ мусоидат намуда, иштироки намояндагони онҳоро дар сохторҳои қарорқабулкунанда ташвиқ мекунад.

Тамоми фаъолияти ДНДҲБ дар ҳамоҳангӣ ва ҳамкории наздик бо кишварҳои узви САҲА, сохторҳои САҲА ва намояндагиҳои он дар кишварҳо, инчунин дигар созмонҳои байналмилалӣ амалӣ карда мешавад.

Маълумоти муфассалро оид ба ДНДҲБ метавонед дар сомонаи ниҳод дарёфт намоед (www.osce.org/odihr).